

Бо дарназардошти он, ки самаранок истифода нашудани заминҳои корам, хусусан, солҳои охир ба яке аз масъалаҳои ташвишовар табдил ёфтааст, бори дигар таъкид менамоям, ки истифодаи оқилонаи обу замин, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии замин, азхудкунии заминҳои нав ва бо ҳамин роҳ таъмин гардонидани ҳифзи амнияти озуқаворechи кишвар аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин мебошад.

**Аз суханронии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону фаъолон ва сокинони вилояти Хатлон**


*Пардохти андоз - баҳои тамаддуниятнокии ҷомеа*

**E-mail:** boju_hiroj@mail.ru

**№23 (1120)** 7 июни соли 2018

# Боҷу ХИРОҶ

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


## Мулоқоти Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сарони ҳукуматҳо ва роҳбарони ҳайатҳои кишварҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

1 июни соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сарони ҳукуматҳо ва роҳбарони ҳайатҳои кишварҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки барои иштирок дар ҷаласаи Шӯрои сарони ҳукуматҳои ИДМ ба Душанбе омадаанд, мулоқот намуданд.

(нигаред ба саҳ.2-6)

## ОШКОР ВА БАРТАРАФ КАРДАНИ КАМБУДИҲО





Дар асоси Амрномаи Кумитаи андоз аз 17.04.2018, №627 с/х бо мақсади аз тарафи соҳибони борҳо ва соҳибони воситаҳои нақлиёт иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», назорати иҷрои талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» Гурӯҳи корӣ бо кормандони РБДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди шоҳроҳи Душанбе – Ҳисор - Турсунзода амалиёти якҷоя анҷом дод.

**ДАР ИН ШУМОРА:**


Дарки масъулият ................................ САҲ.7

Истифодаи нокифояи МНХ ................................ САҲ.8

Натиҷаи муоинаи хронометражӣ .............................. САҲ.11

Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ .............................. САҲ.11

Натиҷаи фаъолияти суст .............................. САҲ.12

Амали ношоиста пинҳон намемонад ............................ САҲ.14

# СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МУЛОҚОТ БО РОҲБАРОНУ ФАЪОЛОН ВА СОКИНОНИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

*2 июни соли 2018, ноҳияи Данғара*



**Дӯстони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Ба ҳамаи шумо маълум аст, ки Ҳукумати мамлакат ҳифзи амнияти озуқавории кишварро дар қатори ҳадафҳои афзалиятноку стратегии худ қарор дода, барои татбиқи самарабахши он мунтазам талош дорад ва ҳамаи захираву имкониятҳоро ба ин самт сафарбар намудааст.

Бо вуҷуди мушкилоти мавҷуда бо азму талоши мардуми кишвар, аз ҷумла заҳматкашони вилояти Хатлон дар давоми панҷ моҳи соли ҷорӣ рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ва афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бомаром таъмин гардидааст.

Тавре ки ҳар яки шумо хуб медонед, солҳои охир дар натиҷаи тағйирёбии иқлими сайёра таҳдиду таъсири хушксолӣ ва дигар офатҳои вобаста ба гармшавии иқлим ба минтақаву кишварҳои мухталифи ҷаҳон сол ба сол афзоиш ёфта истодааст.

Аз ҷумла камбориш омадани тирамоҳу зимистони гузашта ба кишвари мо низ таъсири манфӣ расонида, хусусан, зироаткорону чорводоронро ба таври ҷиддӣ ба ташвиш овардааст.

Бояд гуфт, ки дар натиҷаи камбориши дар фасли тирамоҳу зимистон дар кишвар нашъунамои зироатҳо дар заминҳои лалмӣ, инчунин, вазъи чарогоҳҳо, хусусан, дар аксари ноҳияҳои вилояти Хатлон ташвишовар гардидааст.

Мақсади ҷамъомади имрӯзаи мову шумо низ асосан таҳлилу баррасии ҳолати имрӯзаи соҳаи кишоварзӣ ва омодагӣ ба тирамоҳу зимистони солҳои 2018-2019 мебошад.

Ҳанӯз соли 2008, яъне даҳ сол пеш дар семинар — машварати ҷумҳуриявӣ, ки дар ноҳияи Данғара баргузор гардида буд, таъкид карда будам, ки дар шароити имрӯзаи ҷаҳон, бинобар таъсири буҳронҳои иқтисодӣ ва таҳдиду хатарҳои муосир амнияти сиёсиву иқтисодии кишварҳо ва минтақаҳои гуногуни сайёра ба таври ҷиддӣ халалдор гардидааст ва мо бояд бо дарназардошти чунин вазъ барои ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ, пеш аз ҳама, суботи устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳамеша омода бошем.

Ҳамчунин, хотиррасон карда будам, ки вазъи иқтисоди ҷаҳон аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳатто мамлакатҳои абарқудрати аз лиҳози иқтисодӣ пешрафтаи дунё низ аз таъсири буҳронҳои сиёсиву иқтисодӣ дар канор буда наметавонанд.

Вобаста ба ин, ман дар ибтидои соли 2008 бо мақсади таҳкими ҳифзи амнияти озуқавории мамлакат ҷиҳати ба таври васеъ ба роҳ мондани истифодаи самараноку оқилонаи замин, вусъат бахшидани кишти такрорӣ ва аз заминҳои обӣ дар як сол рӯёнидани ду-се ҳосил ба сокинони кишвар муроҷиат карда будам.

Мо метавонем танҳо тавассути мунтазам амалӣ кардани як силсила тадбирҳои зарурӣ, пеш аз ҳама, азхудкунии заминҳои нав, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои партову боир, ба роҳ мондани истифодаи самарабахши замин, ба амалияи доимӣ табдил додани кишти такрорӣ ва аз заминҳои обӣ гирифтани ду-се ҳосил, рушди соҳаи тухмипарварӣ ва дигар тадбирҳои агротехникӣ афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзиро таъмин карда, сатҳи вобастагии бозори дохилиро аз моводи ғизоии воридотӣ сол ба сол паст гардонем.

Бо мақсади таъмин намудани фаровонии бозори истеъмолии кишвар ва зиёд кардани содироти маҳсулоти кишоварзӣ дурнамои кишти зироатҳо дар хоҷагиҳои деҳқониву ҷамъиятӣ барои соли 2018 тасдиқ карда шуд, ки тибқи он майдони кишти картошка нисбат ба соли гузашта 10 ҳазор гектар, сабзавот 19 ҳазор, пахта 13 ҳазор ва зироатҳои равғандиҳанда 22 ҳазор гектар зиёд пешбинӣ карда шудааст.

Иҷрои саривақтии нишондиҳандаҳои мазкур, бешубҳа, ба суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ ва зиёд гардидани ҳаҷми маҳсулоти ивазкунандаи воридот мусоидат менамояд.

Вале тавре аз таҳлилҳо бармеояд, то ба ҳол имконияту захираҳои бузурги кишвар, аз ҷумла вилояти Хатлон ва ноҳияи Данғара пурра истифода нашуда истодаанд ва иҷрои дастуру супоришҳои қаблан додашуда дар самти васеъ кардани майдони кишти зироатҳои барвақтиву такрорӣ, беҳтар намудани сифати тухмиҳо ва баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти парандаву моҳӣ, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида, риояи агротехникаи парвариши зироат ва беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳо дар сатҳи зарурӣ таъмин нагардидааст.

Соли гузашта дар машварати корӣ дар ноҳияи Данғара ба роҳбарони вилоятҳо ва ҳамаи шаҳру ноҳияҳои мамлакат, Вазорати кишоварзӣ, Иттифоқи “Тоҷикматлубот” ва дигар вазорату идораҳои дахлдор супориш дода будам, ки дар ҳамкорӣ бо соҳибкорон, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ барои таъмини бозори истеъмолӣ ва ба хориҷи кишвар содирот кардани қисми зиёдатии он, инчунин, ҷиҳати захираву нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳар як шаҳру ноҳия сардхонаву анборҳо бунёд карда шаванд, вале иҷрои корҳо дар ин самт низ то ҳанӯз қаноатбахш нест.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мо имконият дорем дар давоми ду соли оянда дар кишвар истеҳсоли картошкаро 300 ҳазор тонна, сабзавотро 500 ва пахтаро 100 ҳазор тонна зиёд кунем.

Аз ин лиҳоз, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати кишоварзӣ ва Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ оид ба иҷрои ҳатмии барномаҳои қабулшуда дар самти ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои партову бекорхобида, азхудкунии заминҳои нав, пешгирӣ кардани раванди аз гардиши кишоварзӣ берун мондани заминҳои корам, инчунин, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо тамоми чораҳои заруриро амалӣ созанд ва доир ба корҳои дар ин самт анҷом додашуда ҳар шаш моҳ ба Ҳукумати мамлакат маълумот пешниҳод намоянд.

Парваришу истеҳсоли маҳсулот дар гармхонаҳо яке аз омилҳои муҳими танзими нархҳои бозори истеъмолӣ дар фасли зимистон ва ташкили ҳазорҳо ҷойи иловагии корӣ ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи маълумот ҳоло дар вилояти Хатлон, яъне вилояте, ки дар ин самт низ имкониятҳои фаровон дорад, дар майдони ҳамагӣ 28 гектар гармхона бунёд карда шудааст, ки тамоман ночиз мебошад.

Илова бар ин, корҳо дар самти баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо дар гармхонаҳо низ беҳбудии ҷиддӣ металабанд.

Бо дарназардошти имкониятҳои воқеӣ ва бо мақсади ба роҳ мондани истифодаи дурусту самараноки замин ва гармхонаҳои мавҷуда Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки дар ин самт чораҳои иловагӣ андешида, истифодаи самараноки гармхонаҳои мавҷуда, бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва воридоти технологияи ҳозиразамон, инчунин, дар заминҳои партов бунёд намудани гармхонаҳои нав ва тарбияи мутахассисони касбиро таъмин намоянд.

Барои рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар мамлакат ва алалхусус, дар вилояти Хатлон дар доманакӯҳҳо ва талу теппаҳо имкониятҳои зиёд мавҷуданд, ки бо истифода аз онҳо боғу токпарвариро ба яке аз соҳаҳои муҳим табдил дода, барои ташкили ҳазорҳо ҷойи нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи сифати зиндагии аҳолӣ шароити мусоид фароҳам овардан мумкин аст.

Бинобар ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он дар муҳлатҳои муқарраршуда иҷро намудани нишондиҳандаи Барномаи давлатии рушди боғу токпарварӣ ва истифодаи самараноки ҳар як ваҷаб замин, ташкили заминаҳои мусоид ва инфрасохтори заруриро барои рушди боғу токпарварӣ ва зиёд намудани ҳаҷми содироти меваю сабзавот таъмин намоянд.

То имрӯз аз кишвар 33 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзӣ содирот гардида, афзоиши содироти сабзавот таъмин шудааст. Дар баробари ин, бояд гуфт, ки содироти меваи хушк хеле коҳиш ёфтааст.

Соли ҷорӣ дар вилоят ҳамагӣ як ҳазору дусад гектар боғу токзорҳои нав бунёд карда шудаанд, лекин ин ҳанӯз хеле кам мебошад.

Хотиррасон менамоям, ки гарчанде дар давоми ҳашт-нуҳ соли охир дар миқёси кишвар қариб 73 ҳазор гектар боғу токзорҳои нав бунёд гардида, ҳаҷми истеҳсоли мева зиёд шудааст, вале содироти мева баръакс, сол ба сол коҳиш ёфта истодааст.

Аз ин рӯ, вазоратҳои кишоварзӣ, саноат ва технологияҳои нав якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он барои ташкили корхонаҳои коркарди мева чораҳои амалӣ андешида, бунёди инфрасохтори заруриро барои нигоҳдорӣ ва таҳвили мева ба хориҷи кишвар суръат бахшанд.

Ҳамзамон бо ин, истифодаи пурраи имкониятҳои вилоят доир ба содироти сабзавоти тару тоза низ то ба имрӯз таъмин нашуда истодааст.

Тибқи нақша соли ҷорӣ кишоварзони вилоят бояд зиёда аз 350 ҳазор тонна сабзавоти барвақтӣ истеҳсол намоянд, ки он на танҳо барои таъминоти бозори дохилӣ, балки имконияти содиротро ба хориҷи кишвар фароҳам меорад.

Бо мақсади ҳавасмандгардонии деҳқонон ва беталаф ҷамъоварӣ намудани ҳосили зироатҳои барвақтӣ ба роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати кишоварзӣ ва Иттифоқи “Тоҷикматлубот” су-

пориш дода мешавад, ки ҷиҳати ташкили фурӯши сабзавоти барвақтӣ ва мева дар бозорҳои кишвар ва содироти он ба хориҷи мамлакат ҳамаҷониба мусоидат намоянд.

Дар баробари ин, ба роҳ мондани коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ яке аз самтҳои муҳими афзун намудани иқтидори содиротии кишвар ва ташкили ҷойҳои нави корӣ мебошад.

Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ ва дигар сохтору мақомоти дахлдор вазифадор карда мешаванд, ки дар корхонаҳои мавҷудаи кишвар коркарди ниҳоии нахи пахта, пилла, маҳсулоти чорво ва меваю сабзавотро ҳарчи бештар ба роҳ монда, истифодаи пурраи иқтидорҳои истеҳсолиро таъмин намоянд.

Бо дарназардошти он, ки самаранок истифода нашудани заминҳои корам, хусусан, солҳои охир ба яке аз масъалаҳои ташвишовар табдил ёфтааст, бори дигар таъкид менамоям, ки истифодаи оқилонаи обу замин, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии замин, азхудкунии заминҳои нав ва бо ҳамин роҳ таъмин гардонидани ҳифзи амнияти озуқаворӣи кишвар аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин мебошад.

Бинобар ин, роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ ва Академияи илмҳои кишоварзиро зарур аст, ки ба ҳалли ин масъала эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Бо сабаби камбориш омадани тирамоҳу зимистони гузашта ва ба таври зарурӣ нарӯйидани алафҳои табиӣ дар чарогоҳу мавзеъҳои алафдарав чорводорони вилояти Хатлон ба мушкилоти сахт рӯбарӯ гардида, дар баъзе минтақаҳо талафи чорво ва забҳи он аз ноилоҷӣ ба мушоҳида расид.

Хотирнишон месозам, ки мушкилоти имсолаи чорводорон бояд барои ҳама ба пеш аз ҳама, роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо, хоҷагиҳои кишоварзӣ ва масъулони соҳа сабақ гардад.

Дар робита ба ин, ба раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, Вазорати кишоварзӣ, Агентии хоҷагии ҷангал, Академияи илмҳои кишоварзӣ ва дигар мақомоти дахлдор таъкид менамоям, ки барои сари вақт пешниҳод намудани ҳисобот доир ба иҷрои бандҳои дахлдори қарори Ҳукумати мамлакат аз 27-уми апрели соли 2018 масъулияти шахсӣ доранд.

Алалхусус, зарур аст, ки корҳо ҷиҳати амалӣ гардонидани барномаи давлатӣ оид ба беҳтар

# СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МУЛОҚОТ БО РОҲБАРОНУ ФАЪОЛОН ВА СОКИНОНИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

*2 июни соли 2018, ноҳияи Данғара*

намудани ҳолати чарогоҳҳо ва истифодаи самараноки онҳо, таҳқиқи геоботаникӣ ва мониторинги доимии захираҳои мавҷуда, ташкили харитаи умумии чарогоҳҳо ва ҳаракати чорво, ташкили объектҳои инфрасохтори чарогоҳ, аз ҷумла нуқтаҳои хӯроку обдиҳии чорво таҳти назорати доимӣ қарор дода шаванд.

Инчунин, кишти навъҳои серғизои хӯроки чорво, истифодаи самараноки заминҳои фонди давлатии ҷангал, сари вақт ҷамъоварӣ кардану захира намудани хӯроки дурушти чорво ва дигар корҳои амалӣ барои ҳалли масъалаи мазкур муҳим буда, масъулияти баланди роҳбарияти вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ ва масъулони соҳаи кишоварзиро тақозо менамояд.

Масъалаи бо маҳсулоти босифати гӯшту шири истеҳсоли ватанӣ таъмин намудани аҳолии кишвар дар маркази диққати Ҳукумати мамлакат қарор дошта, иҷрои он аз амалӣ гардидани тадбирҳои зикршуда вобастагӣ дорад.

Зарур аст, ки дар давраи миёнамуҳлат бо истифодаи тамоми имконияту захираҳои мавҷуда ба соҳаҳои чорводориву парандапарварӣ таваҷҷуҳи ҳарчи бештар зоҳир намуда, саршумори чорвои хушзоту сермаҳсул зиёд карда шавад.

Тибқи дурнамо дар кишвар майдони кишти зироати хӯроки чорво дар таркиби кишти асосӣ 21 ҳазор ва дар таркиби кишти такрорӣ 27 ҳазор гектар пешбинӣ гардида, инчунин, 43 ҳазор гектар майдони юнучқаи солҳои гузашта мавҷуд мебошад.

Мувофиқи маълумот дар кишвар майдони умумии зироати хӯроки чорво, бо дарназардошти кишти такрорӣ, 91 ҳазор гектарро ташкил медиҳад, ки аз он 42 ҳазор гектар ё 46 фоиз ба вилояти Хатлон рост меояд.

Таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибаи хоҷагиҳои пешқадами мамлакат собит менамояд, ки дар мавриди риояи дурусти технологияи парвариши зироати хӯроки чорво, бахусус, юнучқа ва ҷуворимакка дар шароити кишвари мо ҷамъоварии зиёди хошок имконпазир аст.

Вале бинобар риоя накардани қоидаҳои киштгардон, интихоби нодурусти навъҳои зироат, паст будани сифати тухмӣ, риоя нагардидани агротехникаи парвариши зироатҳо, инчунин, истифода накардан аз дастовардҳои муосири илм ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла зироатҳои хӯроки чорво паст мебошад.

Аз ин рӯ, роҳбарони Вазорати кишоварзӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, инчунин, олимону мутахассисони соҳаро зарур аст, ки доир ба бартараф намудани камбудиҳои зикршуда тадбирҳои муассир андешанд.

Ҳар сол чорводорони кишвар давраи зимистонро асосан дар чарогоҳҳои ноҳияҳои Данғара, Шаҳритус, Қубодиён, Вахш, Панҷ ва Фархори вилояти Хатлон мегузаронанд.

Бо сабабҳои маълум, соли ҷорӣ дар аксари ин мавзеъҳо алафҳои табиӣ хушк шуд ва зимистонгузаронии чорво дар ин ноҳияҳо бе захираи ҳаҷми зарурии хӯрока ғайриимкон мебошад.

Дар маҷлиси Ҳукумати мамлакат рӯзи 27 апрели соли ҷорӣ супориш дода шуд, ки ҷиҳати захираи хӯрок ва беталаф баровардани чорво аз давраи зимистонгузаронӣ ситодҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва шаҳриву ноҳиявӣ ташкил карда шаванд.

Вазифаи муҳими ситодҳо дар баробари пурзӯр кардани корҳои назоратӣ дар ин самт ва бо дарназардошти он, ки зимистони дарпешистода сарду тӯлонӣ пешгӯӣ мешавад, таъмин намудани захираи зарурии хӯроки чорво ҳам дар хоҷагиҳои ҷамъиятиву деҳқонӣ ва ҳам аз тарафи аҳолӣ, солиму беталаф баровардани чорво аз фасли зимистон ва афзоиши маҳсулоти чорво мебошад.

Дар баробари ин, ҳар сол шумораи зиёди чорво аз минтақаҳои мухталиф ба чарогоҳҳои мавсимӣ интиқол дода мешавад, ки дар натиҷа, чорво заиф гардида, дар бисёр мавридҳо бо заминҳои кишти ноҳияҳои алоҳида зиён мерасонад.

Аз ин лиҳоз, мувофиқи мақсад аст, ки масъалаи харидорӣ ва истифодаи воситаҳои нақлиёти махсусгардонидашуда ҷиҳати сари вақт ва дар фурсати начандон зиёд интиқол додани чорво мавриди баррасии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар қарор дода шавад.

Бо дарназардошти вазъияти имсола ҳамчунин, зарур аст, ки дар хоҷагиҳои ҷамъиятиву деҳқонӣ ва ҳам дар хоҷагиҳои аҳолӣ забҳи чорвои наслдеҳ якду сол то ҳадди имкон маҳдуд, яъне кам карда шавад.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Бояд таъкид намуд, ки дар муҳлатҳои хуби агротехникӣ анҷом додани кишти зироатҳо бе истифодаи васеи техникаи кишоварзӣ ғайриимкон аст.

Бо дастгирии Ҳукумати мамлакат тавассути Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии “Тоҷикагролизинг” дар 20 шаҳру ноҳияи вилояти Хатлон марказҳои хизматрасонии техникӣ ташкил карда шудаанд, ки онҳо мунтазам аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва гардиши лизинг бо техника ва мошинолоти кишоварзӣ таъмин карда мешаванд.

Танҳо дар ду соли охир 3 ҳазор техникаву таҷҳизоти кишоварзӣ, аз ҷумла 446 трактор, 58 комбайни ғалладарав ва зиёда аз 400 техникаи алафдаравӣ ворид карда шудааст.

Дар баробари ин, дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон барномаи “Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо” ба маблағи умумии беш аз 320 миллион сомонӣ (39 миллион доллари амрикоӣ) амалӣ шуда истодааст, ки тавассути он дар се соли охир зиёда аз 2000 трактору мошинолоти кишоварзӣ ворид карда шудааст.

Бо вуҷуди ин, то ҳанӯз масъалаи норасоии техникаи кишоварзӣ ба таври зарурӣ ҳал нашудааст.

Бинобар ин, ба роҳбарияти Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикагролизинг» ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода мешавад, ки доир ба ташкил кардани марказҳои хизматрасонии техникӣ ва пурра гардонии онҳо бо техникаву мошинолоти зарурӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Бо дарназардошти масъалаи зикршуда ва иҷрои саривақтии нақшаву барномаҳои давлатӣ зарур аст, ки сари вақт ҷамъоварӣ намудани ҳосили имсола ва гузаронидани кишти такрории зироатҳои кишоварзӣ тезонида шавад.

Ҳамзамон бо ин, бори дигар таъкид менамоям, ки ҷиҳати баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, ҳарчи бештар захира кардани маҳсулоти кишоварзӣ, бо маҳсулоти истеҳсоли худӣ таъмин намудани бозори истеъмолии мамлакат ва ноил шудан ба ҳадафи стратегии давлатамон – ҳифзи амнияти озуқаворӣ масъулияти баланд ва ташаббускории роҳбарону мутахассисони мақомоти дахлдорро тақозо менамояд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Вилояти Хатлон аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ, майдони заминҳои кишт ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиву саноатӣ вилояти калонтарини мамлакат ба ҳисоб рафта, нақши он дар пешрафти иқтисодиву иҷтимоии кишвар бузург мебошад.

Илова бар ин, дар гузаштаи начандон дур дар вилоят корхонаҳои азими саноатӣ, хоҷагиву маҷмааҳои калони чорводорӣ фаъолият мекарданд ва минтақа истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзиву чорводорӣ ва меваю сабзавот ба ҳисоб мерафт.

Бояд гуфт, ки ҳиссаи вилояти Хатлон дар маҷмӯи маҳсулоти саноативу кишоварзии мамлакат имрӯз низ зиёд аст.

Вобаста ба хусусиятҳои хоси иқтисодӣ роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он бояд бо истифода аз захираву имкониятҳо доир ба рушди соҳаҳои афзалиятнок, аз ҷумла афзоиш додани ҳаҷми истеҳсолоти саноативу кишоварзӣ ва тақвияти иқтидори содиротии вилоят тадбирҳои муассир андешанд.

Вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадоранд, ки ҳамкориро дар самти иҷрои вазифаҳои дар машварати имрӯза гузоштшуда ва ислоҳи камбудиву мушкилоти зикргардида вусъат бахшида, рушди минбаъдаи соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии вилоятро таъмин намоянд.

Ҳамчунин, зарур аст, ки дар самти баланд бардоштани маданияти заминдорӣ ва истифодаи самараноки захираҳои обу замин, ҳосилнокии зироатҳо ва аз заминҳои обӣ гирифтани ду-се ҳосил, ҳарчи бештар зиёд кардани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, афзоиш додани ҳаҷми содироти он ва ба ин васила ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ чораҳои мушаххас андешанд.

Хотирнишон менамоям, ки таъмин намудани иҷрои барномаҳои мазкур на танҳо маблағҳои буҷети давлатӣ, балки масъулияти баланди роҳбарону мутахассисон ва қобилияти ташкилотчигии онҳо, инчунин, ҳавасмандгардонии сармоягузории хусусиро тақозо мекунад.

Итминон дорам, ки роҳбарони вилоят, шаҳру ноҳияҳо, масъулону мутахассисон, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва чорводориву парандапарварӣ, хулоса кулли мардуми сарбаланду заҳматкарини вилояти Хатлон минбаъд низ ҷиҳати ба даст овардани ҳосили фаровон, ҳифзи амнияти озуқавории кишвар ва фаровонии дастурхони сокинони мамлакат саҳми арзандаи хешро дареғ намедоранд.

**Саломат бошед!**

## Ифтитоҳи Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 1280 нафар дар ду баст дар ноҳияи Данғара

**1 июни соли 2018 дар доираи сафари корӣ дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 75 барои 1280 нафар дар ду бастро дар ҷамоати деҳоти Корез мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Бунёди мактаби мазкур дар доираи муносибатҳои неки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин амалӣ шуда, натиҷаи ҳамкории судманди ду кишвари ҳамсоя мебошад.

Фармоишгар Ҷамъияти Саҳомии Кушодаи "ТВЕА"-Ҷумҳурии Мардумии Чин, пудратчӣ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Маҳмил-2012" ва лоиҳакаш Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Меъморӣ ва Шаҳрсозӣ" мебошад.

Маблағи умумии сохтмони Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 75 — 13 миллиону 450 ҳазор сомонӣ буда, он дар майдони наздики 3 гектар бунёд шудааст. Корҳои сохтмонӣ дар ин муассисаи таълимӣ соли 2015 оғоз гардида, соли 2018 ба анҷом расид. Дар вақти бунёди иншоот даҳҳо нафар сокинони маҳаллӣ соҳиби ҷойи кор ва маоши хуб шуданд.

Мактаби мазкур бо дарназардошти талаботи замони муосир 4 ошёна бунёд шуда, аз 35 синфхона, аз ҷумла синфхонаҳои фаннӣ, утоқҳои корӣ, озмоишгоҳҳо, толори маҷлис бо 365 ҷой, толори варзишӣ, майдончаи варзишӣ, ошхона бо 120 ҷой ва дигар иншооти ёрирасон иборат мебошад. Дар синфхонаҳои мактаб 6 дона тахтаи электронӣ, 25 адад компютер, 10 мошинаи зардӯзӣ мавҷуд аст.

Ифтитоҳи мактаби нав ба Рӯзи умумиҷаҳонии ҳифзи кудак рост омад, аз ин рӯ Сарвари давлат ба 30 нафар хонандаи синфҳои ибтидоӣ туҳфаҳои хотиравӣ супориданд, ки дунёи зебо ва поку беолоиши онҳоро боз ҳам рангинтар намуд.

Зимни шиносой аз шароити таълим дар ин муассисаи навбунёд Сарвари давлат ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, онро туҳфаи арзишманд барои насли ояндасози кишвар маънидод намуданд.

Дар суҳбат бо хонандагон, Пешвои миллат онҳоро ба хониши хубу аъло, омӯзиши ҳунар ва илмҳои замони муосир, азхудкунии забонҳои хориҷӣ ҳидоят карданд.

## Гузоштани санги асос барои бунёди Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи оташнишонӣ-техникӣ" дар деҳоти Корези ноҳияи Данғара

**Баъди ифтитоҳи Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 75 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷамоати деҳоти Корези ноҳияи Данғара барои бунёди Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи оташнишонӣ-техникӣ"-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон санги асос гузоштанд.**

Маблағи умумии сохтмони бино муассисаи мазкур 59 миллиону 186 ҳазор сомониро ташкил дода, он аз бинои маъмурӣ, бинои таълимӣ, истгоҳи нақлиёти қисми оташнишонӣ, ошхона бо 170 ҷойи нишаст, китобхона, толори маҷлис бо 250 ҷой, толори варзиш, хобгоҳ бо 260 ҷой, машқгоҳи тактикӣ, майдончаҳои баскетбол, волейбол, футболи хурд ва машқи гимнастикӣ иборат мебошад. Масоҳати умумии майдони иншоот 2, 8 гектарро ташкил медиҳад.

Фармоишгари Сохтмони бинои нави 5 — ошёнаи Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи оташнишонӣ-техникӣ" Раёсати сохтмони асосии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пудратчӣ Корхонаи давлатии сохтмони васлкунии рақами 2-и Раёсати сохтмони асосии Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ ва лоиҳакаш Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Созанда 2012» мебошад.

Мавриди зикр аст, ки бо шарофати сиёсати бобарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мамлакат шумораи муассисаҳои таълимии касбӣ афзоиш ёфта, барои донишҷӯён тамоми шароити муосири таълим фароҳам оварда мешавад.

Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи оташнишонӣ-техникӣ"-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар муассисаҳои олии таълимӣ на танҳо барои сокинони ноҳияи Данғара, балки баҳри қонеъ кардани талаботи аҳолии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб хизмат мерасонад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди шиносой бо лоиҳаи бунёди ин муассисаи таълимӣ ба пудратчиён барои иҷрои босифати корҳои сохтмонӣ дастуру ҳидоятҳо доданд.

# Боздиди Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоиши маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва иштирок дар семинар — машварати кишоварзони вилояти Хатлон



**2 июни соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ дар ноҳияи Данғара намоиши маҳсулоти соҳаи кишоварзиро тамошо карда, бо фаъолону кишоварзони вилояти Хатлон машварат доир карданд.**

Нахуст Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дастовардҳои фаровони кишоварзони шаҳру ноҳияҳои вилоят, ки дар намоишгоҳ ба маърази гузошта шуда буд, шинос шуданд

Меҳнаткашони шаҳру ноҳияҳои калонтарин минтақаи аграрии мамлакат вилояти Хатлон асосан ҳосили меваҳои хуштамъу сабзавоти гуногун, зироатҳои ғалладонагӣ, техникӣ, гиёҳҳои шифобахш ва дигар маҳсулоти кишоварзиро ба маъраз гузоштанд, ки аз фаровонии ҳосили неъматҳои моддӣ дарак медод.

Дар рафҳои намоишгоҳ намунаи беҳтарини сабзавот аз қабили пиёз, сирпиёз, картошка, сабзӣ, қаланфур, қаланфури булғорӣ, помидор, бодиринг, карам, лаблабу ва ҷуворимакка, мевагиҳо — шафтолу, себ, олу, олуча, бодом, гелос, қулфинай, лиму, полезӣ-харбузаву тарбуз, зироатҳо — лубиё, нахуд, наск, зағер, мош, маъсар, кунҷит, шолӣ, гандум, тухмии зироатҳои пунбадона, ғалладона, ҷав, ҷуворимакка ва меваҳои хушк, аз ҷумла зардолу, себ, чормағзи зеризаминӣ, писта, чормағз, олучаи кӯҳӣ, хуч, дулона, ноки хушк гузошта шуда буд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносой бо дастовардҳои меҳнатӣ ба меҳнаткашони вилоят барои боз ҳам самаранок истифода бурдани ҳар як ваҷаб замин, аз ҷумла ба роҳ мондани кишти такрории зироатҳо, истеҳсол ва содироти маҳсулоти фаровони кишоварзӣ, ба таври кофӣ захира кардани хуроки чорво барои аз зимистон солим баровардани чорво ва андешидани дигар тадбирҳои муҳим дастуру ҳидоятҳо доданд.

Баъди шиносой бо комёбиҳои соҳаи кишоварзии меҳнаткашони шаҳру ноҳияҳои вилоят дар ҷамоати деҳоти Лолазори ноҳияи Данғара дар як мавзеъи хушбоду ҳаво Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон ва кормандони соҳаи кишоварзӣ машварати корӣ доир карданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақсади ҷамъомади имрӯзаро таҳлилу баррасии ҳолати имрӯзаи соҳаи кишоварзӣ ва омодагӣ ба тирамоҳу зимистони солҳои 2018-2019 маънидод карданд.

Таъкид гардид, ки Ҳукумати мамлакат ҳифзи амнияти озуқаворӣ кишварро дар қатори ҳадафҳои афзалиятноку стратегии худ қарор дода, барои татбиқи самарабахши он мунтазам талош дорад ва ҳамаи захираву имкониятҳоро ба ин самт сафарбар намудааст.

Сарвари давлат аз тағйирёбии иқлими сайёра, таҳдиду таъсири хушксолӣ ва дигар офатҳои вобаста ба гармшавии иқлим ба минтақаву кишварҳои мухталифи ҷаҳон ёдовар шуда, таъкид доштанд, ки бо вуҷуди мушкилоти мавҷуда бо азму талоши мардуми кишвар, аз ҷумла заҳматкашони вилояти Хатлон дар давоми панҷ моҳи соли ҷорӣ рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ва афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ бомаром таъмин гардидааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки бо вуҷуди ин пешравиҳо мардуми кишвар бояд минбаъд низ бо мақсади таҳкими ҳифзи амнияти озуқаворӣ мамлакат ҷиҳати ба таври васеъ ба роҳ мондани истифодаи самараноку оқилонаи замин, вусъат бахшидани кишти такрорӣ ва аз заминҳои обӣ дар як сол рӯёнидани ду-се ҳосил талош варзанд ва аз имкониятҳои истифоданагардида васеъ баҳра баранд.

Пешвои миллат барои расидан ба ин ҳадафҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурӣ, вазоратҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои кишвар баҳри васеъ кардани майдони кишти зироатҳои барвақтиву такрорӣ, беҳтар намудани сифати тухмиҳо ва баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти парандаву моҳӣ, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида, риояи агротехникаи парвариши зироат ва беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳо дар сатҳи зарурӣ дастур доданд.

Бо истифода аз фурсати муносиб ва бо ҳузури шумораи зиёди кормандони касбу кори гуногун Сарвари давлат таваҷҷуҳи онҳоро барои вусъат додани корҳои ободонӣ ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ, аз ҷумла барои дар давоми се соли оянда дар ҳар як деҳа, шаҳраку деҳот ва дигар маҳалҳои аҳолинишин дар тамоми қаламрави кишвар, аз ҷумла вилояти Хатлон бунёду азнавсозии муассисаҳои томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, бунгоҳҳои тиббӣ, марказҳои саломатӣ бо таваллудхона барои 10-15 кат ва ҳуҷраи алоҳида барои хатна, ҳаммом, кошонаи ҳусн, инфрасохтори хурди хизматрасониву сайёҳӣ, майдончаҳои варзишӣ, гулгаштҳо ва ҷойҳои сайру гашти оммавӣ, инчунин, корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ, коргоҳҳои хурди дӯзандагӣ, таъмири роҳи байни деҳаҳо ва дохили деҳот, бунёди боғҳои нав ва шинонидани ниҳолҳо дар шафати роҳҳои мошингард, ҷалб карда, супоришҳои мушаххас ба миён гузоштанд.

Таъкид гардид, ки бо ҳамин роҳ мо бисёр масъалаву мушкилоти ҳаёти иҷтимоии мардумро ҳал мекунем ва метавонем шароити зисту зиндагии аҳолиро хеле беҳтар кунем.

Супоришҳои дигар барои аз ҳоло ба фасли зимистон ҳамаҷониба омода кардани тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ва аҳолӣ, аз ҷумла соҳаҳои иҷтимоӣ ва махсусан муассисаҳои маорифу тандурустӣ, иншооти энергетикӣ, захираи сӯзишворӣ, аз ҷумла ангишт, мазут ва газӣ моеъ, дода шуд.

Дар охир Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон изҳор доштанд, ки роҳбарияти вилоят ва шаҳру ноҳияҳои Хатлон, масъулону мутахассисон, кулли мардуми сарбаланду заҳматкарини вилояти Хатлон минбаъд низ ҷиҳати ба даст овардани ҳосили фаровон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ кишвар ва фаровонии дастурхони сокинони мамлакат саҳми арзандаи хешро дареғ намедоранд.

Баъди суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси вилояти Хатлон Давлатшоҳ Гулмаҳмадзода ва хоҷагидорону соҳибкорони пешқадами вилоят Одил Розиқов аз ноҳияи Ҷайҳун, Махфират Саидраҳмонова аз ноҳияи Шаҳритус, Олтибой Ҳақназаров аз ноҳияи Дӯстӣ, Тоҳир Исмонов аз ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, Назрулло Абдуллоев аз ноҳияи Хуросон оид ба вазъи корҳои саҳроӣ ҳисобот дода, ҷонибдории хешро аз талошҳову ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат изҳор доштанд.

Раиси вилояти Хатлон Давлатшоҳ Гулмаҳмадзода зимни ҳисоботи худ оид ба натиҷаи ҷамъбасти фаъолияти соҳаҳои хоҷагии халқи шаҳру ноҳияҳои вилоят дар панҷ моҳи соли равон гузориш дода, аз номи мардуми меҳнатқарини Хатлон ба Сарвари давлат барои таъмини зиндагии шоиста изҳори сипос кард.

# Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон



**30 май таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар кори маҷлис “Дар бораи Номгӯи объектҳои дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва стратегӣ” гузориши раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Аҳмадзода ва “Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018” гузориши Вазири молияи ҷумҳурӣ Файзиддин Қаҳҳорзода шунида шуд.

Ҳамчунин дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” шахсони масъул гузориш доданд.

Баъди муҳокима лоиҳаҳои қонунҳои номбаршуда барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин 13 хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид, аз ҷумла: “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш”, “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муҳоҷират”, “Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об” ва Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳамкории наздисарҳадӣ”.

Аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кори маҷлис ҳамчунин нисбат ба як қатор қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Дар бораи Барномаи рушди Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 ва Дар бораи Барномаи давлатии корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022, Дар бораи таҷлили 550 — солагии мусиқидон, шоир ва навозандаи тоҷик Наҷмиддини Кавкабӣ ва 400 — солагии ситоишгари фарҳанги шаҳрдорӣ, суханвари бузурги тоҷик Мировид Сайидои Насафӣ, қарорҳои дахлдор қабул карданд.

Дар охири кори маҷлис Пешвои миллат, Президенти кишвар, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аъзои Ҳукумат ва роҳбарони сохторҳои давлатӣ оид ба иҷрои масъалаҳои рӯзномаи маҷлис, дар амал татбиқ кардани дигар супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили вусъати корҳои созандагӣ, бунёдкорӣ, иҷрои корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, тозаю озода кардани кӯчаю хиёбонҳо, шаҳру ноҳия ва деҳоти кишвар, шинонидани гулҳои мавсимӣ, захира ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ, дастурҳои мушаххас доданд.

# Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия Дмитрий Медведев

**Рӯзи 31 майи соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия Дмитрий Медведев, ки бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон ташриф овардааст, мулоқот карданд.**



Дар ҷараёни сӯҳбат ҳолат ва дурнамои маҷмуъи муносибатҳои дӯстиву равобити мутақобилан судманди Тоҷикистону Россия мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти аҳамияти шарикии стратегии Тоҷикистону Россия таъкид карданд, ки рушди минбаъдаи ҳамкорӣ бо ин кишвар аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон боқӣ мемонад.

Президенти мамлакат ҳалли муштараки як қатор масъалаҳои мубрамро дар бахши ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ, омили муҳими таҳкими муносибатҳои дуҷониба арзёбӣ намуданд. Дар ин робита, қайд карда шуд, ки “инкишофи минбаъдаи ҳамкории тарафҳо дар ин соҳа аҳамияти аввалиндараҷаро касб менамояд”.

Мавриди зикр аст, ки имрӯз Федератсияи Россия дар самти шарикии тиҷоративу сармоягузории Тоҷикистон мавқеи пешсафро ишғол мекунад. Дар соли 2017 гардиши мол байни ду кишвар беш аз нуҳсад миллион доллари америкоиро ташкил карда буд.

Ҷонибҳо барои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар бахши воқеии иқтисодиёти Тоҷикистон, васеъ кардани ҷуғрофияи робитаҳои байниминтақавӣ, татбиқи саривақтии қарорҳои қабулкардаи Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодиро, амри зарурӣ маънидод карданд.

Дар мулоқот ҳамчунин яке аз бахшҳои муҳими муносибатҳои дуҷониба — муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла содда кардани қоидаҳои будубоши шаҳрвандони Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҷалби муташаккилонаи онҳо ба бозори меҳнати Россия баррасӣ гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия инчунин ба таври муфассал масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуманитарӣ мавриди баррасӣ қарор дода, зарурати андешидани тадбирҳои муштараку самараноки минбаъдаро дар ин самт махсус таъкид карданд.

Зимни мулоқоти судманд таваҷҷуҳи махсус ба масъалаи фароҳам овардани шароитҳои мусоиди фаро гирифтани шаҳрвандони Тоҷикистон ба таълим бо забони русӣ, бахусус ҷалби ҷавонони тоҷик ба донишгоҳҳои Россия ва дар доираи татбиқи созишномаҳои қаблан имзошуда, ба афзоиш додани шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо забони русӣ дар Тоҷикистон, равона карда шуд. Сарвари давлати Тоҷикистон таъкид доштанд, ки дар ин самт бояд раванди дар Тоҷикистон бунёд кардани панҷ мактаби таълими забони русӣ аз ҷониби Россия ҷоннок карда шуда, шумораи муаллимони русии ба Тоҷикистон фиристодашаванда афзун гардад.

Дар ҷараёни мулоқот таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи амният ҳамчун самти афзалиятноки муносибатҳои дуҷониба маънидод карда шуд. Дар ин самт таваҷҷуҳ махсус ба масъалаи мубориза бо таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир равона гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои хуби ҳамкории муштаракро дар мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва шаклҳои дигари ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ таъкид намуда, таҳкими минбаъдаи ҳамкории тарафайнро дар соҳаи амният зарур шумурданд.

Дар фарҷоми мулоқоти судманд ҷонибҳо омодагии худро баҳри рушди минбаъдаи ҳамкории Тоҷикистону Россия дар чаҳорҷӯбаи шарикии стратегӣ ба манфиати ҳар ду кишвар иброз доштанд.

## Дмитрий Медведев: «Гардиши мол миёни Россия ва Тоҷикистон бояд афзоиш дода шавад»

**Тамоюли афзоиши гардиши мол миёни Россия ва Тоҷикистон бояд устувор карда шавад,- иброз дошт сарвазири Россия Дмитрий Медведев. Дар ин бора агентии «Спутник» хабар медиҳад.**

«Дар маҷмӯъ, зикр намудем, ки муносибатҳои иқтисодию тиҷоратӣ миёни кишварҳоямон рушд меёбанд», — гуфт Д. Медведев.

Ба гуфтаи ӯ, ҳаҷми гардиши мол соли гузашта ба таври зарурӣ афзоиш наёфт. «Вале дар семоҳаи аввали соли равон афзоиши баръалои он – 20 дарсад ба назар расид. Ин тамоюл бояд ҳатман устувор карда шавад», — таъкид дошт Медведев.

Ӯ иброз намуд, ки дар ҷараёни музокирот ҷонибҳо вобаста ба икдомҳои минбаъда оид ба рушди содирот ва фаъолгардонии корҳо дар лоиҳаҳои амалкунанда ба мувофиқа расиданд.

# Мулоқоти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сарони Ҳукуматҳо ва роҳбарони ҳайатҳои кишварҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**1 июни соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сарони ҳукуматҳо ва роҳбарони ҳайатҳои кишварҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки барои иштирок дар ҷаласаи Шӯрои сарони ҳукуматҳои ИДМ ба Душанбе омадаанд, мулоқот намуданд.**



Дар мулоқот Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия Дмитрий Медведев, Сарвазири Ҷумҳурии Беларус Андрей Кобяков, Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдулло Орипов, Сарвазири Ҷумҳурии Қазоқистон Бахитжан Сагинтаев, Сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон Муҳаммадкалӣ Абилгазиев, муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Арманистон Арарат Мирзоян, муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Озарбойҷон Ягуб Эюбов, муовини Раиси Девони вазирони Туркманистон, Вазири корҳои хориҷии ин кишвар Рашид Мередов ва Раиси Кумитаи иҷроия-котиби иҷроияи ИДМ Сергей Лебедев иштирок карданд.

Пешвои миллат дар ҳузури иштирокчиён баромад намуда, аз ҷумла чунин таъкид намуданд.

Тоҷикистон ҳам дар чаҳорчӯби иштирок дар кори ИДМ ва ҳам чун раисикунандаи кунунии он барои таҳкими минбаъдаи ҳамкории бисёрҷониба миёни ҳамаи давлатҳои аъзои ИДМ самти самаранок ва созанда мегузаронад.

Тадбирҳое, ки мо дар ин самт ба роҳ мемонем, ба принсипҳои дӯстӣ, эҳтироми мутақобила ва эътимод, ҳамкории мутақобилан судманд ва баррасии манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳо асос ёфтаанд.

Дар ин раванд мо омодаем, ки минбаъд низ ба наздикшавии мавқеи давлатҳоямон дар тамоми соҳаҳои ҳамкорӣ бо мақсади таъмини устувории иҷтимоиву иқтисодӣ, субот ва амният дар тамоми қаламрави Иттиҳод идома диҳем.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи идома ва татбиқи самтҳои асосии ҳамкории иқтисодии мутобиқ ба санадҳое, ки дар чаҳорчӯби Иттиҳод қабул гардидаанд, афзалиятнок мебошад.

Дар соҳаи иқтисод кӯшишҳои мо ба татбиқи Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати татбиқи марҳалаи сеюми Стратегияи рушди иқтисодии ИДМ то соли 2020 равона карда шудаанд.

Иқтисодиёти мамлакатҳои мо бо ҳолати таърихӣ ва хусусиятҳои табиӣ, ҷуғрофӣ ва инфрасохтории худ пайваст мебошад.

Ба андешаи мо, барои рушди ҳамкории прагматикӣ зарур аст, ки ба таҳия ва татбиқи лоиҳаҳое, ки ҳамаи ҷонибҳо қаноат мекунанд ва шарикони эҳтимолиро ҳавасманд мекунанд, бештар мусоидат кард.

Махсусан мехоҳам муҳимияти таҳкими минбаъдаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёт ва коммуникатсияро таъкид намоям.

Дар ин замина, бештар намудани талошҳо дар самти фаъолсозии ҳамкорӣ дар соҳаи технологияи инноватсионӣ ва энергетикаи каммасраф вазифаи муҳим боқӣ мемонад.

Бо назардошти омилҳои тағйирёбии иқлим, масъалаи васеъ намудани заминаи «иқтисоди сабз» тавассути азхудкунии фаъоли манбаъҳои энергияи барқароршаванда ва аз лиҳози экологӣ тоза муҳим мебошад.

Тоҷикистон дар ҷаҳон бо захираҳои гидроэнергетики худ дар ҷои шашум қарор дорад ва истифодаи самараноки ин иқтидор метавонад барои таъмини рушди устувори кишварҳои минтақа заминаи устувор гузорад.

Самтҳои дигари афзалиятнок рушд ва истифодаи самараноки иқтидори нақлиётӣ-коммуникатсионӣ ва транзитии кишварҳои мо маҳсуб мешаванд.

Дар робита ба ин, тавсеаи ҳамкориро дар самти таъсиси шабакаи ягонаи минтақавии роҳҳои ҳамлу нақли нақлиётӣ ва оҳан дар асоси технологияҳои муосир зарур мешуморем.

Раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин ба таҳкими ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ, мубориза бо терроризму ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи ғайриқонунии яроқ, ҷиноятҳои кибернетикӣ ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ нигаронида шудааст.

Яке аз вазифаҳои муҳимин ҳамоҳангсозии масъалаҳо ва таҳияи равишҳои ягона ба масъалаҳои муносибатҳои иҷтимоиву меҳнатӣ ва муҳоҷират мебошад.

Зарур мешуморем, ки корҳо дар самти таъсиси низоми амалии танзими раванди муҳоҷират фаъол карда шаванд.

Талошҳо дар ин самт бояд фарогири мубодилаи иттилоот дар бораи талабот ба захираҳои меҳнатии бозори меҳнат бошанд.

Фаъолияти Низоми ягонаи баҳисобгирии шаҳрвандони кишварҳои сеюм ва шахсони бешаҳрвандӣ, ки ба қаламрави кишварҳои иштирокдори ИДМ ворид мешаванд, низ масъалаи мавриди таваҷҷуҳ ба шумор меравад.

Аҳамияти масоили рушди ҳамкории бисёрҷониба дар соҳаи гуманитарӣ меафзояд.

Мо таҳкими минбаъдаи робитаҳои давлатҳои иштирокдорро дар соҳаҳои фарҳанг, илм ва маориф, кор бо ҷавонон, сайёҳӣ ва варзиш ҷонибдорӣ менамоем.

Амнияти минтақавӣ банди махсуси рӯзнома дар заминаи равандҳои глобалии тағйир ёфтани тартиби ҷаҳонӣ мебошад.

Имрӯз вазъ дар ҷаҳон комилан ихтилофнок ва зудтағйирёбанда мебошад.

Дар ин замина, ташаннуҷ дар муносибатҳои байналмилалӣ беш аз пеш меафзояд.

Носуботӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон зери таъсири таҳдидҳо ва чолишҳои ҷаҳонӣ зиёд мешавад.

Дар масоили таъмини амният ва субот, мо иттифоқчиёни табиӣ мебошем ва ҳамгироии зичтар дар ин самт ба манфиатҳои умумии мо ҷавобгӯ хоҳад буд.

Тоҷикистон талошҳои муштараки ҷомеаи ҷаҳониро дар ҳалли мушкилоти асосии Шарқи Наздик дар асоси принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ қотеъона ҷонибдорӣ менамояд.

Вазъияти пуризтироб дар марзҳои ҷанубии Иттиҳод – дар Афғонистон ба миён меояд.

Дар баробари ин, ҳаҷми истеҳсоли ғайриқонунӣ ва содироти маводи мухаддир аз кишвар афзоиш меёбад.

Ин ҳолат аз мо вокуниши комилан мувофиқ тақозо мекунад.

Дар ин росто, тақвияти ҳамоҳангии фаъолиятро миёни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсуси Иттиҳод зарур мешуморем.

Ҳамчунин мебояд ба таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ низ таваҷҷуҳи дахлдор зоҳир намуд.

Бе таъмини субот ва амнияти кафолатнок мо наметавонем ба сатҳу сифати рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ба ин васила, ба ҳалли муваффақонаи масъалаҳои ҳамгироии минбаъдаи минтақавӣ, ки ба манфиати умумиамон ҷавобгӯ мебошанд, ноил шавем.

Дар ин росто, таҳкими механизмҳои ҳамкории созандаамон дар самти мубориза бо чолишҳои амнияти минтақавӣ вазифаи аввалиндараҷа мегардад.

Рӯзномаи имрӯзаи ҷаласаи Шӯрои сарони ҳукуматҳои ИДМ масъалаҳои муҳим ва ҳалталаби рушди минбаъдаи ҳамгироии бисёрҷанбаи моро ифода мекунад.

Мутмаинам, ки татбиқи мунтазами қарорҳои аз ҷониби шумо қабулшаванда ба таҳкими ҳамкорӣ дар Иттиҳод бар асоси манфиатҳои умумии мо мусоидат хоҳад кард.

Ба Шумо дар роҳи таҳкими ҳамкорӣ байни кишварҳоямон барори кор таманно дорам.

Итминон дорам, ки бо талошҳои муштарак мо метавонем иқтидори бузурги созандаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро татбиқ намоем.

# Мулоқоту музокироти сатҳи баланд байни Ҳукуматҳои Тоҷикистону Россия ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои созанда ва қавӣ гардидани муносибатҳои дуҷониба замина мегузоранд

**Рӯзи 31 майи соли 2018 дар доираи сафари расмии Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия Дмитрий Медведев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқоту музокироти байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия баргузор гардид.**

Зимни мулоқоту музокирот масоили вобаста ба ҳамкорӣ дар бахшҳои афзалиятнок баррасӣ шуда, ҷонибҳо ҷиҳати густаришу тақвият ёфтани муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба пешниҳодҳои судманд баён намуданд.

Дар ҷараёни суҳбат истифодаи самарабахши имконияту иқтидорҳои мавҷуда, пайдо намудани роҳу усулҳои нави ҳамкорӣ дар ҳамаи бахшҳои мавриди таваҷҷуҳ ва дар маҷмӯъ, боз ҳам густариш ёфтани муносибатҳои байниҳукуматӣ муҳим шуморида шуд.

Ҷонибҳо ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россияро дар ҳама бахшҳо хуб арзёбӣ карда, барои тақвияти бештари он изҳори ҳавасмандӣ намуданд.

Масъалаҳои вобаста ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат, энергетика, кишоварзӣ, саноат, роҳу нақлиёт, маориф ва илм, сармоягузорӣ, шуғли аҳолӣ ва ғайра ҳамчунин дар мулоқоти ҳайатҳои ҳукуматӣ, ки бо иштироки Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода ва Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия Дмитрий Медведев баргузор гардид, баррасӣ шуд.

Изҳори умедворӣ карда шуд, ки сафари расмии Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия Дмитрий Медведев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мулоқоту музокироти сатҳи баланд байни ҳукуматҳо ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои созанда ва боз ҳам устувору қавӣ гардидани муносибатҳои Тоҷикистону Россия замина мегузорад.

Пас аз мулоқоти ҳайатҳо маросими имзои санадҳои дуҷониба байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия баргузор гардид. Баъди имзои санадҳои байниҳукуматӣ бо иштироки Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода ва Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия Дмитрий Медведев нишасти матбуотӣ баргузор гардид. Дар нишаст натиҷаи сафари расмии Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия Дмитрий Медведев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон қаноатбахш арзёбӣ гардид.

Ш.Сафарзода қайд кард, ки ба ҳолати 1 майи соли 2018 бақияи қарзи андозҳо дар миқёси вилоят, дар маҷмӯъ, 179,9 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Аслан, бақияи қарзи андозҳои нисбатан зиёд ба соҳаҳои хоҷагиҳои об, яъне идораҳои зертобеи Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Дӯстӣ (542 ҳазор сомонӣ), КТ “Султон Азиз”-и ноҳияи Қубодиён (478 ҳазор сомонӣ), КИ “Мадина”-и ноҳияи Қубодиён (452 ҳазор сомонӣ), КТ “Сафар Ҷумаев”-и ноҳияи Ҷ. Балхӣ (3 млн. сомонӣ), КТ “Н. Бегов”-и ноҳияи Ҷ. Балхӣ (1,6 млн. сомонӣ), КТ “Аллаёр Мӯсоев”-и ноҳияи Ҷ. Балхӣ (408 ҳазор сомонӣ), КТ “Тухмипарва- 6,5 млн. сомонӣ, идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Вахш ба маблағи 1,1 млн. сомонӣ, идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Қубодиён ба маблағи 1,1 млн. сомонӣ, идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Ҷ. Балхӣ ба маблағи 1,3 млн. сомонӣ, идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи А. Ҷомӣ ба маблағи

# ДАРКИ МАСЪУЛИЯТ

**Қисми асосии даромади буҷети давлатиро андоз ташкил дода, аз иҷрои нақшаи ҷамъоварии он пешрафти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ва сатҳи некӯаҳволии мардум вобастагӣ дорад. Вобаста ба бақияи қарзи андозҳо суҳбате доштем бо сардори шуъбаи ситонидани қарзи андозҳои Раёсати андоз дар вилояти Хатлон Ш. Сафарзода, ки онро манзуратон месозем.**



вилояти Хатлон, кишоварзӣ ва сохтмон рост меояд. Ба ҳолати 1 майи соли ҷорӣ бақияпулиҳои андози соҳаи хоҷагиҳои об 19,1 млн. сомонӣ, соҳаи кишоварзӣ 45,5 млн. сомонӣ ва сохтмон 18 млн.сомониро ташкил додааст.

Дар натиҷаи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо дар фаъолияти андозсупорандагони қарздор, бақияи қарзи андозҳо дар сатҳи вилоят нисбат ба аввали соли 2018 ба маблағи 4,6 млн. сомонӣ кам карда шудааст. Аз ҷумла, камшавии маблағи бақияпулиҳои андоз дар соҳаи хоҷагиҳои об 442 ҳазор сомонӣ ва соҳаи кишоварзӣ 1,4 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Бояд гуфт, ки бақияи қарзи андозҳои нисбатан калон ба КТ “Чапаев”-и ноҳияи Кӯшониён 1 млн. сомонӣ, КИ “Кӯлоб”-и ноҳияи Вахш 2,1 млн. сомонӣ, КИ ХДФ “Саидмансур”-и ноҳияи Вахш (924 ҳазор сомонӣ), КТ “Эшбек Сатторов”- и ноҳияи Дӯстӣ (619 ҳазор сомонӣ), КТ “А. Қаландаров”-и рии ба номи Эмомалӣ Раҳмон”-и ноҳияи Панҷ (1,4 млн. сомонӣ), КТ “М.С.А. Ҳамадонӣ”-и шаҳри Кӯлоб (1,4 млн. сомонӣ), КТ “Бахт 82”-и ноҳияи Восеъ 519 ҳазор сомонӣ, КТ “Ҳулбук”-и ноҳияи Восеъ (440 ҳазор сомонӣ), ХДМ “Чубек”-и ноҳияи Ҳамадонӣ (576,6 ҳазор сомонӣ), КТ “Қушқия”-и ноҳияи Темурмалик (1,5 млн. сомонӣ), КТ “Хоҷагии тухмипарварии Ҷ. Румӣ”-и ноҳияи Темурмалик (1,3 млн. сомонӣ), КТ “Хоҷагии ҷамоавии зотпарварии Кангурт”-и ноҳияи Темурмалик (1,3 млн. сомонӣ), КТ “Исмоили Сомонӣ С”-и ноҳияи Темурмалик (559 ҳазор сомонӣ), КТ “Зотпарвари Данғара”-и ноҳияи Данғара (1,6 млн. сомонӣ, КТ “Мазори ҳазрати Султон”-и ноҳияи Ховалинг (872 ҳазор сомонӣ), КТ “Восеъ”-и ноҳияи Ховалинг (831 ҳазор сомонӣ), КТ “Гулдара”-и ноҳияи Балҷувон (1,6 млн. сомонӣ) ва КТ “Шаршара”-и ноҳияи Балҷувон (943 ҳазор сомонӣ) рост меояд.

Дар соҳаи хоҷагиҳои об идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Кушониён ба маблағи 930 ҳазор сомонӣ, идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Ёвон ба маблағи 1,1 млн. сомонӣ, идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Шаҳритус ба маблағи 466 ҳазор сомонӣ, идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Н. Хусрав ба маблағи 741 ҳазор сомонӣ ва идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Фархор ба маблағи 2 млн. сомонӣ қарздоранд. Дар баробари соҳаҳои номбурда, инчунин зиёда аз 70 андозсупорандаи дигаре низ мавҷуданд, ки дар назди буҷети давлат қарзҳои калони андозӣ доранд.

Умуман, имрӯз Раёсати андоз дар вилояти Хатлон доираи ҳуқуқу ваколатҳои худ баҳри пешгирии ҳолатҳои пайдоиш ва зиёдшавии бақияи қарзи андозҳо, кам намудани шумораи андозсупорандагони қарздор ва таъмини иҷрои қарорҳои қабулгардида дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо тамоми чораҳои иловагиро андешида истодаанд.

**С. БАЁЗӢ**

МОҲИ ИЮН | АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА | СОЛИ 2018

## БУКМЕКЕРҲОИ АЛМААТО ОГОҲОНИДА ШУДАНД

**Букмекерҳои шаҳри Алмааторо огоҳониданд, ки дар тули се рӯз дар мақомоти андоз худро ба қайд гиранд, дар акси ҳол онҳоро ҷаримаҳои калон интизор аст.**

Дар арафаи чемпионати ҷаҳон оид ба футбол, ки 14 июн то 15 июли соли равон дар Россия мегузарад, афзудани нуқтаҳои ғайриқонунии букмекерӣ пешбинӣ мешавад.Бо ҳамин сабаб Раёсати даромадҳои давлатии Алмаато аз 1 июн сар карда фаъолияташро дар мавриди муайян кардани идораҳои букмекерии бе қайди давлатӣ фаъолияткунанда пурзӯр намудааст, хабар додааст манбаъ аз мақомоти андози Алмаато.

«Ба соҳибони идораҳои букмекери барои аз қайди давлатӣ гузаштан се рӯз мӯҳлат дода шудааст. Дар акси ҳол онҳо ба ҷазои маъмурӣ кашида мешаванд», - огоҳ кардааст мақомоти андози шаҳри Алмаато.

Дар мақомоти андоз хотиррасон кардаанд, ки мутобиқи қонунгузории андоз ба қайд гузоштани хазинаҳои идораи букмекерӣ дар асоси огоҳинома дар муддати се рӯз то оғози фаъолият амалӣ мегардад. Меъёри андоз барои як хазинаи идораи букмекерӣ дар як моҳ 721 500 тангаро ташкил медиҳад. Дар як иншоот метавонанд чанд хазина ҷойгир шаванд, бинобар ҳамин андоз барои ҳар як хазина алоҳида пардохт мешавад.

**https://news.mail.ru/economics/33651470/**

## Ҷанбаҳои иқтисодии об ва захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосири рушди устувор

**Яке аз омилҳои муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон имрӯз ҳалли самараноки масоили обу энергетика боқӣ хоҳад монд.**

Вобаста ба ин «рушди устувор» тараққиёти бонизом буда, се омили асосии зеринро дар худ таҷассум менамояд, ки манбаи ташаккул ва фоидаовари онҳо маҳз об ва захираҳои обӣ маҳсуб меёбанд, ки инҳо рушди босуръати иқтисодиёт, баробарии иҷтимоӣ ва суботи экологианд.

Дар ин асос ташаббусҳои созанда, пайгирона, ҳадафҳои босубот ва натиҷаҳои бобарору муваффақи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2003 - «Соли байналмилалии оби тоза», Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015» ва «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013» эълон гардида, ба таъмини амнияти обӣ, танзими бисёрсола ва мавсимии маҷрои об дар обанборҳо, пешгирии ҳолатҳои фавқулодда марбут ба ҳодисаҳои обӣ мусоидат мекунад.

Дар ҳудуди Тоҷикистон 64 миллиард метри мукааб об ба вуҷуд меояд, ки беш аз 60% оби ҳавзаи дарёҳои Баҳри Аралро ташкил медиҳад ва Тоҷикистон яке аз ғанитарин кишварҳои дорои захираҳои обии дунё мебошад. Иқтидори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 527 миллиард кВт соат нерӯи барқ буда, ҳамасола дар кишвар то 18 миллиард кВт соат барқ истеҳсол мегардад, ки ин ҳамагӣ 3 – 4% захираҳои энергетикиро ташкил медиҳаду халос.

Агар вазъи муосири истеҳсол ва фурӯши барқро тайи солҳои охир таҳлил намоем, бевосита нақши об ва захираҳои обӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бараъло маълум мегардад. Дар асоси ҳисоботҳои ШХСК «Барқи тоҷик» ҳаҷми истеҳсоли энергияи барқ дар соли 2017-ум 15 млрд. 359,1 млн. кВт. соат зиёд мебошад. Аз ҷумла, истеҳсоли энергияи барқ дар марказҳои обу барқу гармидиҳӣ ба 980,9 млн. кВт. соат баробар шуд, ки нисбат ба соли 2016 дар ҳаҷми 380,8 млн. кВт. соат афзоиш ёфтааст. Бо мақсади таъмини соҳаҳои иқтисодиёт ва аҳолии ҷумҳурӣ бо энергияи барқ, дар соли 2017 Ширкати «Барқи Тоҷик» дар ҳаҷми 2 млрд. 555,6 млн. кВт соат энергияи барқро харидорӣ намуд. Дар муқоиса бо соли 2016 хариди энергияи барқ дар ҳаҷми 78,7 млн. кВТ. соат кам гардидааст. Аз НБО – и «Сангтӯда-1» 1849,3 млн. кВт.с, аз НОБ-и «Сантӯда-2» 693,6 млн. кВт. с. аз Ҷумҳурии Қирғизистон 12,7 млн. кВт.с. барқ харидорӣ карда шудааст.

Хаҷми содироти энергияи барқ ба хориҷи ҷумҳурӣ дар соли 2017 нисбат ба соли 2016 дар ҳаҷми 20,6 млн. кВт. соат кам гардида, дар маҷмӯъ ба 1 млрд. 312,3 млн. кВт. соат баробар шуд. Энергияи барқ, асосан, ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ҳаҷми 1 млрд. 304,8 млн. кВт. соат ба маблағи 52,3 млн. долари ИМА содирот карда шуд, ки нисбат ба соли 2016 дар ҳаҷми 14,0 млн. кВт. соат кам, аммо ба маблағи 1,8 млн. доллари ИМА зиёд мебошад.

Аз нишондиҳандаҳои иқтисодии зикршуда ба хулоса омадан мумкин аст, ки энергияи обӣ ва захираҳои он дар даврони муосир ба яке аз омилҳои муҳимтарини пешрафти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфта, бе рушди он рушди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ғайриимкон гардидааст.

Ҳамин тавр, даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ташаббус ва иқдоми бузурги башардӯстонае ба шумор меравад, ки дар амал татбиқ намудани он ба ҳаёти миллиардҳо сокинони сайёра беҳбудӣ ва хушбахтӣ меорад.

**Ғ. АШӮРОВ,**
**иқтисоддон**

# Истифодаи нокифояи МНХ




***Насбу истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавии (МНХ) дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (ТИЭ) шарти муҳими ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна буда, яке аз воситаҳои асосии баланд бардоштани маданияти хизматрасонӣ ва иҷрои ҳисобу китоби пулӣ бо аҳолӣ мебошад.***

***Қобили зикр аст, ки истифодаи дурусти МНХ барои соҳибкорон ва истеъмолкунандагон воситаи муҳими муомилот ба ҳисоб рафта, риояи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро барои ҳарду ҷониб таъмин менамояд. Дар сурати истифодаи дурусти МНХ соҳибкор имкон пайдо менамояд, ки ҳангоми пешниҳоди эъломияҳои андоз ба монеаҳо рӯ ба рӯ нашуда, бо сарфи ками вақт ҳисоботи андозии хешро ба мақомоти андоз пешниҳод намояд.***

Дар робита ба ин, хостем аз рафти насбу истифодаи МНХ-ҳо дар фурӯшгоҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе аз наздик шинос шавем. Вақте дар Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ дар хусуси истифодаи дурусти мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ ва пешниҳоди чипта ба мизоҷон пурсон шудем, сардори нозироти андози ноҳия - Баҳром Зубайдуллозода иброз намуд:

- Яке аз роҳҳои пурра ба андозбандӣ фаро гирифтани даромади воқеии андозсупорандагон мавриди истифодаи дуруст қарор додани мошини назоратӣ – хазинавӣ (МНХ) мебошад. Насбу истифодаи МНХ барои соҳибкорон, истеъмолкунандагон ва ҳам ғановати буҷету рушди иқтисоди кишвар аҳамияти калон дорад. Аммо, тавре ба назар мерасад, имрӯз дар марказҳои савдою хизматрасонӣ он ба таври бояду шояд истифода намешавад, ки ин амал боиси аз андозбандӣ дур мондани субъектҳои хоҷагидор мегардад.

Сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ Фатҳулло Шарифов, ки моро ҳамроҳӣ мекард, гуфт, ки айни замон, қисман дар таркиби мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ (МНХ) таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (ТИЭ) насб гардидааст. Тавассути таҷҳизоти мазкур маълумот оид ба ҳаҷми фурӯши мол ба махзани маълумоти мақомоти андоз ворид гардида, ба таври автоматӣ коркард мешавад. Ин имконият медиҳад, ки мақомоти андоз дар низоми онлайн фаъолияти андозсупорандаро назорат намояд. Вале чун мушоҳида кардем, аён гардид, ки дар хариду фурӯши молу маҳсулот соҳибкорон аз МНХ пурра истифода намекунанд ва харидорон низ ба гирифтани чипта диққати ҷиддӣ намедиҳанд.

Масалан, вақте ба мағозаи фурӯши ашёи варзишӣ, ки дар хиёбони Рӯдакӣ 91 воқеъ аст, ворид шудем, ақрабаки соат 10:52 дақиқаро нишон медод, аммо фурӯшанда Фарҳод Ҷобиров мисле, ки нав корро шурӯъ карда бошад, ҳоло ҳам мошини назоратӣ-хазинавии худро ба кор надароварда буд. Ба ҳамин монанд, дар паҳлуи ӯ фурӯшгоҳи молҳои варзишӣ «Сайёд» ҷойгир аст, ки роҳбарии онро Илҳомиддин Мирзоев ба уҳда дошт. Чун ба мошини назоратӣ-хазинавии фурӯшгоҳ назар афкандем, дидем, ки номбурда аз вақти кориаш то он дам, ки се соат гузашта буд, ба касе чиптаи МНХ-ро надодааст сабабашро ба мо дар набудани харидорон арзёбӣ намуд. Аммо Ф.Ҷобиров ва И.Мирзоев ҳақиқатро нагуфтанд...



Диққати моро рафтори фурӯшандаи фурӯшгоҳи молҳои варзишии ТҶФК «Истиқлол» - JOMA (роҳбараш Ҷаҳонгир Ҷалилов) ба худ ҷалб кард. Дар чанд лаҳзае, ки мо он ҷо ҳузур доштем, фурӯшанда Суман Набиева ба як мизоҷ чиптаи МНХ пешниҳод карду ба нафари дуввум не. Аҷибаш ин буд, ки баъди аз фурӯшгоҳ берун шудани мизоҷи сеюм фурӯшанда аз МНХ чипта заду назди худ гузошт. Вақте аз ӯ сабаби ин амалашро пурсон шудем, чунин шарҳ дод:

- Ба харидоре, ки чипта надодам, як шиносам бо қарз маҳсулот гирифта буд. Вақте қарзро баргардонд, баъд ба ӯ чиптаи МНХ-ро пешниҳод мекунам. Ва нафари дигар, ки бе чипта баромада рафт, ӯ муштарии доимии фурӯшгоҳи мо аст. Ҳар вақте аз ин ҷо мол харидорӣ кунад, чиптаро намегирад, вале мо барои «рӯзи мабодо» онро бо худ нигоҳ медорем.

Дар ҳақиқат, ҳоло ҳам ҳастанд шаҳрвандоне, ки ба гирифтани чиптаи мошини назоратӣ-хазинавӣ аҳамият намедиҳанд. Барои ин мебояд ҳар як соҳибкор дар бораи аҳамияти чиптаи МНХ ба мизоҷи худ маълумот диҳад.

Мушоҳидаҳои худро идома дода, вориди фурӯшгоҳи молҳои канселярӣ шудем. Он ҷо соҳибкории инфиродӣ Мирзо Шарифов бо се нафар коргари кироя худ дар 4 нуқта бо 1 МНХ фаъолият мекарданд. Вақте аз М.Шарифов пурсидем, ки аз мошини назоратӣ-хазинавӣ, ки кафолати молу маҳсулот аст ва ҳам барои риояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон лозим аст, то кадом андоза аз он истифода мекунанд? Мавсуф гуфт, ки агар савдо бошад, ҳатман аз он ба мизоҷони худ чипта медиҳанд. Чун ба чиптаи пешниҳодкардаи охирини ӯ нигоҳ кардем, пай бурдем, ки дурӯғ мегӯяд. Зеро вай бо 3 нафар коргари кироя худ аққалан яктой чипта ба мизоҷони худ пешниҳод накарда будаанд. Фурӯшандаи дигар Аламшо Абдулҳақов буд, ки аз вазъи савдо дар нуқтаи савдои худ шиква кард. Чунки ӯ низ дар то соати 11:06 дақиқа ҳамагӣ 2 чипта аз МНХ ба харидорон дода буд. Илова бар ин ки намехост дуруст истифода накарданаш аз мошини назоратӣ-хазинавиро шарҳ бидиҳад, баръакс нисбати мо муомилаи дурушт кард. Айнан ҳамин ҳолатро дар мағозаи фурӯши молҳои канселярии дигар, ки мутааллиқ ба Исмоилҷон Шарифов аст, воҳӯрдем. Номбурда аз набудани харидорон гила карда гуфт, ки таҳсил дар донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабу муассисаҳо ба фарҷом расида истодааст, аз ин хотир, маводи канселярӣ кам ба савдо меравад.

Атрофи мушкилоти ҷойдошта дар самти истифода накардани мошинҳои назоратӣ – хазинавӣ дар ноҳия бо роҳбаладии худ Фатҳулло Шарифов ифрози назар карда, ба фурӯшгоҳи калоне, ки дар хиёбони Рӯдакӣ 91 воқеъ аст, дохил шуда, бо нуқтаҳои савдои молу ашёи варзишӣ, маҳсулоти бижутерӣ, молҳои саноатӣ ва фурӯши бозичаҳои кӯдакона ошно гаштем. Соат 12-и рӯз буду соҳибкорон С.Шариев, Н.Сайдуллоева, С.Одинаев ва Д.Ҷаборова аз мошинҳои назоратӣ хазинавии худ фақат як ё дутой чипта ба мизоҷон додаанд, ки ин амали онҳо аз рӯи адолат нест.

Баъди дидани чунин манзараҳо танҳо умед аз дорухонаҳо доштем. Ба он хотир, ки фаъолияти онҳо бе истифодаи мошинҳои назоратӣ – хазинавӣ ғайриимкон мебошад, дохили чанд дорухона низ шудем. Аммо дорухонаҳои ҷамъияти дорои масъулияташон маҳдуди «Ориён – фарм» филиали №56 (фурӯшандааш Хазараев Ҳотамҷон) ва «Синои дармонбахш» (фурӯшандааш Фарзона Раҳматшоева) ягона умеди моро канданд. Зеро мушоҳида кардем, ки дар дорухонаҳои зикршуда МНХ-ҳо бекор хобидаанд ва фурӯшандаҳо сабаби онро ҳар гуна маънидод карданд, аз ҷумла боз ҳамон баҳонаҳои набудани харидор ва ҳоказо...

Дар сарамон суолҳои зиёд чарх мезаданд, ки агар харидор набошад ва савдо нашавад, онҳо чӣ гуна андоз месупоранд ва чӣ тавр зиндагии худро пеш мебаранд ва чаро то имрӯз фаъолияти худро идома дода истодаанд? Ҳамин суолҳоро ба фурӯшандаи дорухонаи ҶДММ «Синои дармонбахш» Фарзона Раҳматшоева додем. Номбурда Дафтари пешбурди баҳайдгирии маблағҳои нақдӣ ва расидҳоро ба мо нишон дод, то бубинем, ки ӯ ҳар моҳ чӣ қадар дору фурӯхтааст. Вақте нигоҳ кардем, воқеан, боварнокарданист. Фақат моҳи гузаштаро дидем, ки ӯ дар Дафтари пешбурди баҳайдгирии маблағҳои нақдӣ ҳамагӣ ба маблағи 1377 сомонӣ дору фурӯхтааст. Яъне фурӯшанда ҳисоботи ҳаррӯзаи худро дар дафтараш ба ҳисоби миёна 50 сомонӣ ва аз он ҳам камтар нишон додааст.

Мағозаи хӯроквории «Насиба» низ аз назари мо дур намонд. Наздики фурӯшгоҳ шудем, ки зане аз он ҷо маводи лозимии худро харида берун мешуд. Аз ӯ пурсон шудем, ки фурӯшанда чиптаи хариди мол пешниҳод кард? Номбурда гуфт: Не...




Вақте вориди фурӯшгоҳ гаштем ва хостем аз фурӯшанда сабаби чипта надоданашро пурсем, ӯ гуфт, ки роҳбари мағоза каси дигар аст. Маълум гашт, ки ӯ ҳатто коргари кироя низ нест ва бе шартнома кор карда истодааст. Дар ҳамин лаҳза роҳбари фурӯшгоҳ – Раҳим Раззоқов ҳозир шуд. Аз Р.Раззоқов пурсидем, ки чаро ӯ нисбати кораш чунин беэътиноӣ зоҳир мекунад? Номбурда гуфт:

- Дар асл, ин ҷо ман танҳо кор мекунам. Коргари кироя низ надорам. Ин дӯсти ман буд, ки дар кор ба ман кӯмак мерасонд. Ӯ ҳамеша ин ҷо нест. Гоҳ-гоҳ барои суҳбат меояду меравад.

Пурсидем: - Чаро аз мошини назоратӣ-хазинавӣ истифода намекунед?

Гуфт: - Ба мизоҷони худ ҳамеша чипта медиҳем... Аз соҳибкор хоҳиш намудем, ки чиптаи охир задаашро ба мо нишон диҳад, то бубинем шурӯъ аз кори имрӯзааш то ин соат чанд чипта задааст. Дидем, ки дар ҳақиқат, ӯ аз МНХ-и худ ба таври пурра истифода накардааст. Зеро чиптаҳои задаи ӯ ҳамагӣ 4 адад буд.

Аз Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ иттилоъ доданд, ки тамоми марказҳои савдову хизматрасонии ноҳия бо мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ дорои хотираи фискалӣ пайвастанд, аммо зимни мушоҳидаҳои худ аз чанд нуқтаи савдою хизматрасонӣ нафареро пайдо карда натавонистем, ки МНХ-ро пурра ё қисман истифода карда бошад.

*Чуноне ба назар мерасад, истифодаи МНХ на дар ҳама нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ ба таври бояду шояд ба роҳ монда шудааст. Ба касе пӯшида нест, ки ин масъала солҳост, ки ҳалли мусбии худро меҷӯяд. Новобаста аз татбиқи ҷаримаҳои маъмурӣ баъзе соҳибкорон ҳангоми муомилоти пулию молӣ аз МНХ оқилона истифода намекунанд. Бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар самти таъмин ва истифодаи МНХ вазифаи кист? Посухро интизорем.*

**Тоҳир ЧИЛАЕВ,**
**Неъматулло НУРОВ**

**Дар натиҷаи амалиёти гурӯҳҳои корӣ, ки дар асоси Амрномаҳои Раиси Кумитаи андоз бо мақсади санҷиши рафти иҷрои талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби истифодабарии мошини назоратӣ - хазинавии дорои хотираи фискалӣ (МНХ) аз 02.05.2013, №210» ба шаҳру ноҳияҳои Фирдавсӣ, Рӯдакӣ, Турсунзода ва шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна (НАМ)-и шаҳри Душанбе, ба хотири санҷиши ҳолати интиқоли маълумот аз МНХ-и андозсупорандагон ба Кумитаи андоз, муайян намудани сабабҳои сари вақт интиқол наёфтани маълумот ва ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта сафарбар гардид, дар фаъолияти 32 андозсупоранда МНХ-и дорои таҷҳизоти интиқодиҳандаи электронӣ (ТИЭ) насб карда шуд.**

# САНҶИШИ истифодаи МНХ



Тавре сардори шуъбаи назорати фаврии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Давлатзода иттилоъ дод, гурӯҳҳои корӣ МНХ-и 347 андозсупоранда (аз ҷумла, дар ноҳияи Фирдавсӣ 93 андозсупоранда, дар шуъбаи НАМ-и шаҳри Душанбе 82 андозсупоранда, дар ноҳияи Рӯдакӣ 86 андозсупоранда ва дар шаҳри Турсунзода 86 андозсупоранда)-ро, ки зиёда аз 10 рӯз аз МНХ-и дорои ТИЭ истифода накардаанд, мавриди санҷиш қарор доданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҷараёни интиқоли маълумот аз МНХ ба махзани маълумоти Кумитаи андоз тавассути хизматрасонии ширкатҳои алоқаи мобилии ҶСП "ТТ Мобайл", ҶСП "Индиго Тоҷикистон" ва ҶДММ "Таком"анҷом дода мешавад. Ҳамчунин, вобаста ба проблемаҳои дар самти интиқоли маълумоти МНХ – и андозсупорандагон ба махзани маълумоти Кумитаи андоз, сабаб ва омилҳои ба миён омадани чунин ҳолатҳо ва роҳҳои пешгирии он, моҳи майи соли равон бо иштироки сардорони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва шахсони масъули бақайдгирандаи МНХ дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Нозироти андозсупорандагони калон (НАК) ва Нозироти андозсупорандагони миёна (НАМ), инчунин, намояндагони марказҳои хизматрасонии "Марказ", "Ама груп", "Аякс сервис" ва "Гурӯҳи ИТПР" дар Кумитаи андоз ҷаласаи корӣ баргузор гардида буд.

Маҳмадсаид Давлатзода гуфт, ки онҳо ҳангоми санҷиши истифодабарии МНХ-ҳои андозсупорандагон муайян карданд, ки 221 андозсупоранда (63%) тартиби истифодабарии МНХ-ро вайрон намудаанд. Дар натиҷа, тибқи талаботи моддаҳои 614 ва 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 987,1 ҳазор сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, 599,0 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст. Барои ворид намудани маблағи боқимонда чораҷӯӣ идома дорад.

Инчунин, барои истифода накардани МНХ аз ҷониби андозсупорандагон ба маблағи 185,9 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб карда шудааст, ки аз ин маблағи 147,9 ҳазор сомониаш ба буҷет таъмин гардидааст.

Ҳамчунин, муайян шудааст, ки дар 15 ҳолат маълумоти МНХ-и 158 андозсупоранда бо сабабҳои гуногун ба махзани маълумоти Кумитаи андоз интиқол наёфтааст. Аз ҷумла, 4 ҳолати бе сабаб тоза намудани хотираи фискалии МНХ; 1 ҳолати бидуни қайд дар мақомоти андоз истифода намудани МНХ; 1 ҳолати қатъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва аз барномаи СИА "Бақайдгирӣ ва назорати МНХ" набаровардани МНХ; 11 ҳолати дар анҷоми кор ҷамъбаст накардани рӯзи корӣ (гашение) тариқи МНХ; 74 ҳолати дар охири моҳи тақвимӣ ба қайд гирифтани МНХ; 52 ҳолати дар рӯзҳои истироҳатиӣ истифода накардани МНХ; 1 ҳолати пайваст накардани ТИЭ-и МНХ дар барномаи СИА "Бақайдгирӣ ва назорати МНХ"; 7 ҳолати мавсимӣ будани фаъолияти соҳибкории андозсупорандагон ва ҳолатҳои гум кардани МНХ аз ҷониби андозсупорандагон ба қайд гирифта шуд.

Инчунин, 5 ҳолати дар таҳхонаҳо ҷойгир будани нуқтаи фаъолияти баъзе аз андозсупорандагон, ки алоқаҳои мобилӣ дар ин гуна ҷойҳо дар баъзе мавридҳо дастрас набуда, боиси фаъол нагардидани ТИЭ мегардад, ба хотираи фискалии МНХ нодуруст ворид намудани маблағ ва барои рӯйпӯш намудани маблағи нодуруст воридшуда дар дигар рӯзҳо истифода накардани МНХ низ ба қайд гирифта шудааст.

Маҳмадсаид Давлатзода яке аз сабабҳои интиқол нагардидани маълумоти ТИЭ-и андозсупорандагонро ба махзани маълумоти Кумитаи андоз аз ҷониби худи андозсупорандагон истифода накардани МНХ маънидод намуд. Масалан, дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Афиз Раҳмонов, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул аст, муайян гардид, ки соҳибкор моҳи декабри соли 2017 бесабаб 13 рӯз аз МНХ истифода накардааст. Дар натиҷа, нисбати соҳибкори номбурда тибқи талаботи қисми 1 моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 9,0 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода, пардохти маблағи ҷаримаи мазкур ба буҷет таъмин карда шуд.

Ба ҳамин монанд, дар фаъолияти ҶДММ "Билети электронӣ", ки ҳамчун супорандаи андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) буда, ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад, муайян карда шуд, ки соҳибкор моҳи феврали соли 2018 зиёда аз 10 рӯз аз МНХ истифода накардааст. Дар натиҷа, нисбати ҶДММ "Билети электронӣ" тибқи талаботи қисми 1 моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 9,0 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, барои пардохти маблағи ҷаримаи мазкур чораҷӯӣ идома дорад.

Санҷиши ҳолати истифодаи МНХ дар фаъолияти филиали ҶДММ "Ориёнфарм" муайян намуд, ки аз ҷониби масъулони ҷамъият дар моҳи феврали соли 2018 зиёда аз 10 рӯз аз МНХ истифода карда нашудааст. Дар натиҷа, нисбати филиали ҷамъияти мазкур тибқи талаботи қисми 1 моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 5,0 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуд ва маблағи мазкур пурра ба буҷет таъмин гардид.

Ҳамчунин, дар фаъолияти ҶДММ "Торгмаш" ва ҶДММ "Таком" муайян гардид, ки якумӣ зиёда аз 10 рӯз ва дуюмӣ дар моҳи феврали соли 2018 аз МНХ умуман истифода накардааст. Дар натиҷа, нисбати ҷамъиятҳои мазкур тибқи талаботи қисми 1 моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, қисме аз маблағ ба буҷет пардохт гардидаасту барои пардохти қисми дигари маблағ чораҷӯӣ идома дорад.

Ба гуфтаи Маҳмадсаид Давлатзода, ки яке аз сабабҳои дигари интиқол нагардидани маълумоти МНХ ба махзани маълумоти Кумитаи андоз, ин дар рӯзҳои истироҳатӣ истифода накардани МНХ аз ҷониби андозсупорандагон мебошад. Чунончи, ҶДММ "Фирӯза 83", ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул аст, дар рӯзҳои истироҳатии моҳи феврали соли 2018 (шанбе ва якшанбе) фаъолият накардааст.

Ба ҳамин монанд, ҶДММ «Шен Чуан» дар моҳи феврали соли 2018-ум 8 рӯз аз МНХ истифода накардааст, ки сабаби он дар рӯзҳои истироҳатӣ фаъолият накардани андозсупоранда аст. Ҳамчунин, соҳибкорони инфиродӣ Б. Мирзоев ва В. Юлдошев низ дар моҳи феврали соли 2018-ум 4 рӯз аз МНХ истифода накардаанд, ки сабабаш дар рӯзи истироҳатӣ (рӯзи якшанбе) фаъолият накардани соҳибкорон ба ҳисоб меравад.

Маҳмадсаид Давлатзода илова намуд, ки яке аз сабабҳои дигари интиқол нагардидани маълумоти МНХ-и андозсупорандагон ба махзани маълумоти Кумитаи андоз ин бо сабабҳои гуногун тоза намудани хотираи фискалии МНХ ба ҳисоб меравад, ки гурӯҳҳои корӣ се ҳолатро дар ин самт муайян намуданд.

Мисол, соҳибкори инфиродӣ С. Назаров, тибқи маълумоти барномаи СИА "Бақайдгирӣ ва назорати МНХ"дар моҳи феврали соли 2018 аз МНХ 30 рӯз истифода накардааст. Санҷиш дар фаъолияти соҳибкор муайян намуд, ки МНХ-и соҳибкори мазкур фаъол ва коршоям буда, бинобар сабаби тоза шудани хотираи фискалиаш маълумоти МНХ-и мазкур ба махзани маълумоти Кумитаи андоз интиқол нагардидааст. Дар натиҷа, МНХ-и соҳибкор аз нав хотирагузорӣ карда шуда, айни замон маълумоташ ба махзани маълумоти Кумитаи андоз интиқол ёфта истодааст.

Ба ҳамин монанд, ҶДММ "Таъмиргар"ҳам, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад, дар моҳи феврали соли 2018 ягон рӯз аз МНХ истифода накардааст, ки сабабаш тоза кардани хотираи фискалиии МНХ мебошад. Дар натиҷа, МНХ-и ҶДММ "Таъмиргар" аз нав хотирагузорӣ карда шуда, айни замон маълумоташ ба махзани маълумоти Кумитаи андоз интиқол ёфта истодааст.

Дар маҷмӯъ, аз ҷониби гурӯҳҳои корӣ дар якҷоягӣ бо масъулини нозиротҳои андоз 32 андозсупоранда (дар ноҳияи Фирдавсӣ 10 андозсупоранда, ноҳияи Рӯдакӣ 8 андозсупоранда ва шаҳри Турсунзода 14 андозсупоранда) бо МНХ-и дорои ТИЭ таъмин карда шуданд

**Маҳзаб ҶУМЪА**

МОҲИ ИЮН | АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА | СОЛИ 2018

## ИТТИҲОДИ АВРУПО БА БОҶҲОИ ИМА БО ТАМОМИ ТАДБИРҲОИ ИМКОНПАЗИР ПОСУХ ГУФТАНӢ АСТ



**Қарори ИМА оид ба боҷҳо барои пӯлод ва алюминий Иттиҳоди Аврупоро водор сохтааст, ки ба муқобили он тадбирҳои ҷавобӣ андешад, гуфтааст роҳаби Комиссия Аврупо Жан-Клод Юнкер.**

Ба андешаи Иттиҳоди Аврупо, тарофаҳои якҷонибаи ИМА хилофи қоидаҳои Созмони ҷаҳонии савдо мебошанд.

Юнкер гуфтааст, ки моҳҳои охир Комиссияи Аврупо бо ИМА бо мақсади ҳалли масъалаи иқтидорҳои барзиёди соҳаи пӯлодгудозӣ мудом ҳамкорӣ мекунад. Ба андешаи вай, Иттиҳоди Аврупо манбаи мушкилот нест, баръакс, аз чунин мушкилот азият мекашад.

«ИМА акнун дар назди мо ягон роҳ боқӣ нагузоштааст, ба ҷуз ҳалли мустақилонаи баҳс ва ҷорӣ кардани боҷҳои иловагӣ ба як қатор молҳои содиротии ИМА. Мо манфиатҳои иттиҳодамонро мутобиқи ҳуқуқи байналмилалии савдо пурра муҳофизат мекунем», гуфтааст роҳбари Комиссияи Аврупо.

https://news.mail.ru/economics/33651470/

# Баланд бардоштани ҳисси миллӣ



Дар асоси дастуру супоришҳои Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам М.Давлатзода ва қарори Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.01.2018 №4 дар соли 2018 аз тарафи бахши Маркази такмили ихтисос дар вилояти Суғд чанде пеш бо 31 нафар кормандони мақомоти ҳудудии андоз «Оид ба мустаҳкам кардани ҳисси миллӣ ва пояҳои ахлоқии кормандони мақомот, аз ҷумла ҷавонон, ташаккули тафаккур ва ҳувияти миллӣ, инчунин афкори эҷодиву созандагии онҳо ва тарбияи онҳо дар руҳияи ҳимояи манфиатҳои милливу давлатӣ, фарҳанги муошират ва риояи пӯшидани либоси расмӣ (протоколӣ) машғулиятҳои омӯзишӣ гузаронида шуд.

Дар машғулияти омӯзишӣ аз таърихи пурғановати халқи тоҷик ёдоварӣ карда шуд. Ҳамчунин, аз хизматҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба бунёди давлатдории тоҷикон, ки асоси онро ҳисси миллӣ ва ҳувияти миллӣ ташкил медиҳад.

Бахши Маркази такмили ихтисос дар вилояти Суғд нақша дорад чунин машғулиятҳои омӯзиширо дар мақомоти ҳудудии андоз дар моҳи июни соли ҷорӣ бо иштироки васеи кормандон ба роҳ монад.

**Ғ.ҲАКИМОВ,**

**сармутахассиси Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти андози Раёсати андози вилояти Суғд**



**Дар асоси Амрномаи Кумитаи андоз аз 17.04.2018, №627 с/х бо мақсади аз тарафи соҳибони борҳо ва соҳибони воситаҳои нақлиёт иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», назорати иҷрои талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» Гурӯҳи корӣ бо кормандони РБДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди шоҳроҳи Душанбе – Ҳисор - Турсунзода амалиёти якҷоя анҷом дод.**




# Ошкор ва бартараф кардани КАМБУДИҲО

Бояд қайд намуд, Гурӯҳи корӣ дар шоҳроҳи Душанбе – Ҳисор - Турсунзода ҷиҳати пурра фаҳмонидани моҳияти қонунгузории андоз оид ба ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи хариди мол, инчунин, иҷрои талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №451 аз 31.08.2012 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ гузарониданд, ки дар натиҷа, ба маблағи 754,1 ҳазор сомонӣ дар фаъолияти андозсупорандагон ҳисоб карда шуда, 434,5 ҳазор сомонии он ба буҷет ворид гардид.

Чуноне ки роҳбари гурӯҳ Акобир Садриддинов қайд кард, нисбати 85 нафар шахсони воқеӣ барои машғул гардидан ба фаъолияти (соҳибкорӣ) кашонидани мусофирон ва борҳо бо патент таъмин карда шуд, ки пардохти моҳонаи маблағи патенти онҳо 11,1 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Нисбати 28 нафар шахси воқеие, ки барои бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ кашонидани мусофирон ва борҳо машғул буданд, тибқи моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 42,0 ҳазор сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода, дар рафти фаъолият пардохти он ба буҷет таъмин карда шуд.

Ҷиҳати пурра рӯёнидани маблағи қарзи андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда, ки дар ҳудуди шаҳрҳои Ҳисор ва Турсунзода ба фаъолияти кашонидани мусофирон ва борҳо машғул мебошанд, рӯихати соҳибкорони инфиродии қарздор мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, аз ин ҳисоб дар рафти фаъолияти Гурӯҳи корӣ ба маблағи умумии 64,9 ҳазор сомонӣ маблағи бақияпулиҳо кам карда шуданд.

Гурӯҳи корӣ дар шоҳроҳи Душанбе – Ҳисор - Турсунзода соҳибкоронеро, ки ба кашонидани мусофирон ва таҳвили борҳо машғул буданд, таҳти санҷиши амалиётӣ қарор дод. Муайян шуд, ки на ҳамаи онҳо ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда оид ба хариди мол ва таҳвили он ба дигар минтақаи ҷумҳуриро доранд.

Инчунин, ҳангоми гузаронидани корҳои назоратӣ ва таҳлили борхатҳои пешниҳодгардида аз ҷониби андозсупорандагон дар шоҳроҳи Душанбе – Ҳисор - Турсунзода муайян гардид, ки на ҳамаи онҳо даромади андозбандишавандаи худро дар ҳисоботҳои андоз нишон додаанд. Дар натиҷаи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ аз ҳисоби кам нишон додани маблағи андоз дар фаъолияти андозсупорандагон 546,6 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб гардид, ки дар ин хусус эъломияҳои иловагӣ гирифта шуда, дар рафти фаъолият пардохти 107,5 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин карда шуд.

Ҳамзамон, дар фаъолияти андозсупорандагоне, ки тибқи тартиби муқарраргардида ҳангоми ирсоли маҳсулот ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи харид намедиҳанд, корҳои назоратӣ ва фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуда, нисбати 6 нафари он бо дастрасии моддаҳои 599-606 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 86,0 ҳазор сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ тартиб дода шуд ва маблағи ҷаримаҳо пурра ба буҷет таъмин гардид. Масалан, ҶДММ “Аҳад 86” дар қайди Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ буда, ба фаъолияти хариду фурӯши масолеҳи сохтмонӣ машғул мебошад. Гурӯҳи корӣ дар рафти санҷиш муайян намуд, ки ҷамъияти мазкур масолеҳи сохтмониро аз ҶДММ “Хуаксин Ғаюр - Суғд семент” ба номи ҷамъияти худ бо фоизи муайян ба расмият даровардааст. Дар асл, соҳиби аслии молу маҳсулот шахси воқеӣ Солиҳов Абдулфайз Қурбонбоевич - истиқоматкунандаи ноҳияи Мастчоҳ, ҷамоати деҳоти Мастчоҳ мебошад, ки ҳамчун миёнарав бидуни қайди мақомоти андоз масолеҳи сохтмониро ба номи ҶДММ “Аҳад 86” ба расмият даровардаасту масолеҳро аз самти вилояти Суғд ба самти шаҳри Турсунзода мебурд. Ин дар ҳолест, ки ӯ дар минтақаи мазкур дорои анбори нигоҳдорӣ ва мағозаҳои фурӯши масолеҳи сохтмонӣ нест ва фаъолияти ҷамъият моҳияти иқтисодӣ надорад.

Бинобар ин, аз ҷониби Гурӯҳи корӣ масолеҳи сохтмонии ҷамъияти мазкур дар ҳаҷми 28 тонна дар анбори нигоҳдории муваққатӣ муҳрбандӣ карда шуд. Бо пешниҳоди Гурӯҳи корӣ нисбати ҶДММ “Аҳад 86” бо дастрасии моддаи 606 Кодекси Ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 12,0 ҳазор сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ гардид. Аз ҳисоби пурра нишон надодани даромади бадастовардашуда ба маблағи 354,1 ҳазор сомонӣ маълумотномаи назорати камералӣ тартиб дода, эъломияи иловагӣ ба маблағи мазкур аз ҷониби ҷамъият пешниҳод карда шуд.

Ғайр аз ин, аз ҷониби Гурӯҳи корӣ, бо мақсади назорати иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 “Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд”, бо ронандагони воситаҳои нақлиёти боркаш ва мусофиркаш корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ гузаронида шуд. Дар натиҷа, 85 нафар шахси воқеие, ки дар ҳудуди шоҳроҳи Душанбе – Ҳисор - Турсунзода ба фаъолияти соҳибкории кашонидани бор ва мусофирон машғул буданд, бо патент таъмин гардиданд.

Ғайр аз ин, аз ҳисоби сари вақт пешниҳод накардани эъломияи андоз аз воситаҳои нақлиёт нисбати 10 шахси ҳуқуқӣ тибқи талаботи моддаи 606 Кодекси Ҳуқуқвайронкунии Маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи 6,5 ҳазор сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ карда шуд.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

**МОҲИ ИЮН | АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА | СОЛИ 2018**

# Автодилеров освободят от уплаты НДС при продаже авто с пробегом

**СЕЙЧАС ТАКИЕ СДЕЛКИ ЭКОНОМИЧЕСКИ НЕЦЕЛЕСООБРАЗНЫ ДЛЯ АВТОДИЛЕРОВ**

**Минпромторг предлагает отменить двойное налогообложение при продаже автомобилей с пробегом. Об этом сообщил представитель министерства, пишет газета «Ведомости». Соответствующие изменения в налоговое законодательство планируется внести в Госдуму в ноябре 2018 г., рассказал он.**

В данный момент сделки (между компаниями по покупке и продаже автомобилей с пробегом) экономически нецелесообразны для автодилеров, отмечает представитель Минпромторга: из-за двойного налогообложения НДС цена для конечного потребителя становится неконкурентоспособной.




Сегодня мы писали, что в Правительстве одобрили нулевой НДС для авиаперевозок на Дальний Восток.

http://taxpravo.ru

# Натиҷаи муоинаи хронометражӣ



**Тибқи талаботи моддаи 40 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, муоинаи хронометражӣ шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади муқаррар намудани даромад ва хароҷоти воқеии андозсупорандагон, ки ба гирифтани даромад алоқаманд аст, гузаронида мешавад. Ҳадаф аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон, ин муайян кардани манбаи аслии андозбандишаванда, дарёфти нави манбаъҳои андозбандӣ ва ошкор намудани иддае аз андозсупорандагоне мебошад, ки мақсади пинҳон кардани манбаъҳои андозбандишавандаро доранд.**

Тавре аз Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода иттилоъ доданд, дар 4 моҳи соли 2018 аз тарафи нозироти андоз бо мақсади муайян намудани манбаи аслии андозбандишаванда дар фаъолияти 7 андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронида шудааст. Даромади умумии 7 андозсупоранда дар давоми 4 моҳ ба ҳисоби миёна дар як моҳ 217594 ҳазор сомониро ташкил дода, пас аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади ин субъектҳо ба ҳисоби миёна дар як моҳ ба 322020 ҳазор сомонӣ баробар гардидааст, ки фарқият нисбат ба манбаи андозбандишавандаи қаблан пешниҳоднамуда ба маблағи 104426 ҳазор сомонӣ дар як моҳ зиёд мебошад.

Нисбати андозсупорандагон барои риоя накардани қонунгузории андоз ба маблағи умумии 20000 ҳазор сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, пардохти маблағ ба буҷет таъмин гардидааст. Дар давоми 4 моҳи соли 2018 аз тарафи нозироти андоз фаъолияти андозсупорандагоне, ки ба истеҳсол ва фурӯши хӯрок, хариду фурӯши молҳои ниёзи мардум, сӯзишворӣ ва молҳои саноатӣ машғул буданд, таҳти муоинаи хронометражӣ қарор дода шудаанд. Натиҷаи муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти ин андозсупорандагон нишон дод, ки бархе аз андозсупорандагон манбаи аслии андозбандишавандаро 4-5 маротиба кам нишон медоданд. Тибқи тартиби муқарраргардида, фурӯши воқеии онҳо бо санади дахлдор ба расмият дароварда шуд.

Гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон ин як омили сифатнок иҷро кардани қисми даромади буҷет ва пурра ба андозбандӣ ҷалб гардидани андозсупорандагон мебошад.

Аз ин рӯ, аз шаҳрвандон хоҳиш карда мешавад, ки ҳангоми хариди мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ ҳатман чиптаи мошини назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалиро талаб намоянд, зеро ҳисоби саҳеҳи маблағҳо ба иҷрои қисми даромади буҷет ва равнақ ёфтани иқтисодиёти кишвар таъсири мусбат мерасонад.

**Муҳаммадӣ ТАБАРЗОДА**
**Неъматулло НУРОВ**

# ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

**Бо ташаббуси раёсати илм ва инноватсия ва кафедраи менеҷмент дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ» доир гардид. Дар он муовини аввали вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Каримзода, намояндаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Муслиҳиддин Усмонов ва намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои байналмилалӣ иштирок ва суханронӣ карданд.**

Конфронсро бо сухани ифтитоҳӣ Баҳром Сафаров кушода, қайд намуд, ки мавзӯи ҳамоиши илмӣ актуалӣ буда, барои дарёфти роҳҳои рушди иқтисодии кишвар дар шароити ҷаҳонишавӣ замина мегузорад.

Баъдан Ҷамшед Каримзода баромад карда, қайд намуд, ки дар шароити кунунии пешрафти илму техника масъалаи ҷаҳонишавӣ яке аз проблемаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Ҷаҳонишавӣ раванди мураккаб ва гуногунҷабҳа буда, ҷиҳати шомил шудан ба низоми он болоравии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аз манфиат холӣ нест. Дар ин робита Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз сохторҳои марказии молиявии кишвар маҳсуб ёфта, бо татбиқиислоҳоти идораи давлатӣ дар пешбурди сиёсати молиявии ҷумҳурӣ саҳми худро мегузорад. Ислоҳот дар ин самт имкон дод, ки банақшагирӣ ва иҷрои буҷет, мониторинги зарурии маблағҳои буҷетӣ, низоми аудити дохилӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар бахши давлатӣ ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардида, шаффофияти раванди буҷетӣ ва дигар самтҳои асосии низоми молияи давлатӣ таъмин карда шавад.

Намояндаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Муслиҳиддин Усмонов иброз дошт, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди иқтисодиёт ва гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ тадбирҳои муайянро роҳандозӣ менамояд ва ҷиҳати рушди соҳаҳои иқтисодӣ ҳама гуна санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таҳия намудааст, аз он ҷумла Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030, ки ҳадаф, афзалият, вазифа ва самтҳои амалиёт ҷиҳати гузариш ба модели нави сифатноки рушди иқтисодиро бо роҳи инноватсионӣ баён менамояд.

Шариф Раҳимзода, раиси Кумитаи иқтисод ва буҷети Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор дар мавзӯи «Тоҷикистон ва ҷаҳонишавӣ» баромад карда, асосҳои ҷаҳонишавиро дар рушди босуръати илму техника ва технология дар соҳаҳои нақлиёту алоқа, либерализатсияи савдо, умумибашарӣ шудани иқтисодиёти ҷаҳонӣ, гузариш ба иқтисодиёту муносибатҳои бозорӣ ва баҳамоии иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ маънидод кард. Ӯ ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбии ҷаҳонишавиро номбар карда, афзалияташро дар асоси рушди рақобат дар сатҳи байналмилалӣ, роҳандозии сарфакорӣ дар истеҳсолот, тиҷорати байналмилалӣ, истифодаи технологияҳои муосир, пайдоиши имкони расидан ба сатҳи мамлакатҳои мутараққӣ, баҳамоии давлатҳову миллатҳо ва фарҳангҳо, ҳамчунин мусоидаткунандаи имкониятҳои наву бештар барои одамон дар самти интихоби касбу ҷойи кор ва сармоягузорӣ донист.

Шариф Раҳимзода дар охир барои аз раванди ҷаҳонишавӣ қафо намондани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешравии он чанд пешниҳоди судманд, аз қабили таъмини иҷрои стратегияю барномаҳо, пешбурди сиёсати дурандешонаи иқтисодӣ, рӯ овардан ба мактаб, эътирофи илм ва эътимод ба он, дастгирии рушди илмҳои дақиқ, ҷалби техникаю технология ва рушди истеҳсолот бо арзиши баланди иловагӣ, ҳувияти миллӣ дар самти иқтисодӣ ва дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ кард.

Дар идомаи конфронс Юрий Соболев, намояндаи доимии Хазинаи байналмилалии асъор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи дурнамои рушди минтақавӣ ва Кристоф Кордоние, роҳбари лоиҳаи Бонки аврупоии рушд дар мавзӯи «Муҳити макроиқтисодӣ ва молиявӣ дар Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо» баромад намуданд.

**Машҳура АБДУЛЛОЕВА**

Корҳои назоратӣ

# Истифодаи МНХ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров

**Ба роҳ мондани истифодаи дуруст ва самараноки мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ аз масъалаҳои муҳими рӯз мебошад.**

Раёсати андози вилояти Суғд ва мақомоти ҳудудии он барои боз ҳам хубтар ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорон дар самти истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ пайвасти корҳои назоратӣ ва фаҳмондадиҳӣ анҷом медиҳанд. Бо Фармоиши сардори Раёсати андоз дар вилояти Суғд Бахтиёр Султон аз санаи 17-уми апрели соли равон инҷониб Гурӯҳи корӣ дар ҳайати мутахассисони шуъбаи санҷиши андозҳо ҳолати истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электрониро дар нуқтаҳои савдою хизматрасонии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров мавриди санҷиши назоратӣ қарор доданд.

Аз натиҷаи корҳои назоратии анҷомдодаи Гурӯҳи корӣ сармутахассиси шуъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андози вилоят Анвар Шодиев, ҳамчун роҳбари гурӯҳ, зикр дошт, ки новобаста аз пайваста гузаронидани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ дар самти истифодаи дурусту самараноки мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ, мутаассифона, ҳанӯз ҳам як идда соҳибкорону андозсупорандагон муқаррароти талаботи қонунгузории андозро дар ин ҷода ба таври бояду шояд риоя намекунанд. Масалан, баъзе андозсупорандагон дар фаъолияти хеш аз МНХ-дорои ТИЭ ба таври пурра истифода накарда истодаанд. Ё ки дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ фурӯшандаҳо ба харидорон чиптаи МНХ-и дорои хотираи фискалиро намедиҳанд. Далели ин гуфта он аст, ки маблағҳои нақдие, ки дар хазинаи чанде аз нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ мавҷуд буданд, дар муқоиса бо нишондоди мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ фарқ мекарданд. Дигар аз камбудиҳои ҷиддие, ки дар рафти корҳои назоратии Гурӯҳи кории Раёсати андози вилояти Суғд дар мавриди истифодаи МНХ-и дорои ТИЭ дар фаъолияти андозсупорандагони ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ошкор карда шудааст, ин дар анҷоми рӯзи корӣ ҷамъбаст накардани ҳисоботи истифодаи МНХ-и дорои хотираи фискалӣ ва ҳамчунин сари вақт дар дафтари сабти маблағҳои нақдӣ қайд накардани даромади умумии нишондоди МНХ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар рафти корҳои назоратӣ барои риоя нашудани талаботи моддаҳои 38 ва 39-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми майи соли 2013 «Дар бораи тартиби истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ» нисбати мағозаҳои хӯроквории «Афроз», воқеъ дар ҷамоати Ҳайдар Усмон, мансуб ба соҳибкори инфиродӣ Б. Иброҳимов ва «Истиқлол» дар ҷамоати Унҷӣ мутааллиқ ба соҳибкори инфиродӣ С. Бадалова, мағозаи «Арзанда», дар ҷамоати Ҳайдар Усмон, мансуб ба соҳибкори инфиродӣ Каримов, нуқтаҳои фурӯши таҷҳизоти газӣ, фурӯши чархҳои автомобил, ошхона-чойхонаи «Матаиб» протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ гардидааст.

Ҳамзамон, дар ин давра аз ҷониби Гурӯҳи корӣ дар фаъолияти зиёда аз 80 нафар соҳибкорону андозсупорандагони ноҳия мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ насб карда шуданд.

Аз рӯи иттилои мутахассиси пешбари шуъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андози вилоят Юсуф Раҳмонов дар панҷ моҳи соли 2018 дар фаъолияти соҳибкорону андозсупорандагони вилояти Суғд, дар маҷмӯъ, 1260 адад мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ насб карда шудаанд.

Тибқи маълумоти мутахассиси пешбари Гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва шахси масъул доир ба таъмини МНХ дар Нозироти андози ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Қосимӣ Назир Хуршедзода дар фаъолияти андозсупорандагони ноҳия ҷиҳати истифодаи дурусти мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ аз тарафи мақомоти ҳудудӣ пайваста корҳои назоратӣ гузаронида мешаванд. Дар натиҷаи гузаронидани якчанд харидҳои назоратӣ дар панҷ моҳи соли ҷорӣ нисбати андозсупорандагоне, ки тартиби дурусти истифодаи МНХ-и дорои хотираи фискалиро риоя накардаанд, бо нишондоди моддаҳои 614 ва 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар умум 29 адад протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи беш аз 60 ҳазор сомонӣ татбиқ ва ба ҳисоби буҷети давлатӣ рӯёнида шудаанд. Дар ҳамин давра инчунин аз ҷониби нозироти андози ноҳия 227 адад мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ дар фаъолияти соҳибкорону андозсупоандагон насб карда шудааст, ки баробар ба 100,8 фоизи нақша мебошад.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА**
**вилояти Суғд**

# НАТИҶАИ ФАЪОЛИЯТИ СУСТ



**Ҳарчанд дар солҳои охир маъмурикунонии андоз аз фоида беҳтар гардидаю вобаста ба он иҷрои нақшаи ин намуди андоз босифат таъмин шуда истодааст, аммо дар ин самти фаъолият камбудҳо ҳанӯз ба назар мерасанд.**

## Вазъи пешниҳоди эъломияҳо

Ба ҳолати 27 апрели соли 2018 аз шумораи умумии супорандагони андоз аз фоида, ки дар кишвар 4803 ададро ташкил медиҳанд, танҳо 3914 ададаш (81,5 фоизи шумораи умумӣ) аз натиҷаи фаъолияти молиявиашон дар соли 2017 эъломияи андоз аз фоидаро пешниҳод намудаанд.

Аз 3914 адад эъломияи қабулшуда дар 2856 адади он (73,0 фоизи субъектҳои хоҷагидор) фаъолияти худро бо гирифтани фоида ва 762 адад (19,5 фоиз) фаъолияти молиявии соли 2017-ро бо зарар ҷамъбаст кардаанд. Дар ин давра 296 адад (7,6 фоиз) супорандаи андоз аз фоида эъломияҳои худро ба мақомоти андоз ба таври сифрӣ пешниҳод намудаанд. Аз ҷониби 932 адад супорандаи андоз аз фоида то имрӯз эъломияҳои андоз аз фоида ба мақомоти андоз пешниҳод нашудаанд, ки ин, албатта, бархилофи талаботи қонунгузорӣ амал кардани андозсупорандаҳоро нишон медиҳад.

Баъзе супорандагони андоз аз фоида бархилофи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал карда, эъломияҳои андоз аз фоидаро барои соли 2017 нодуруст, дар баъзе холатҳо нопурра тариқи электронӣ ба махзани маълумоти барномаҳои компютерӣ ворид кардаанд. Бояд гуфт, ки маҳз ҳамин гуна ҳолатҳо боиси аз ҷониби андозсупорандаҳо кам ҳисоб намудани андоз аз фоида гардидаанд. Аз ҷониби андозсупорандаҳо ба ҳисоб гирифтани хароҷоти беасос ва зиёд нишон додани хароҷоти тарҳшаванда ҳам аз омилҳоест, ки боиси кам ҳисоб шудани андоз аз фоида гардидаанд.

## Аз маълумоти муқоисавӣ

Чуноне ки аз маълумоти муқоисавӣ вобаста ба нишондиҳандаҳои эъломияҳои андоз аз фоидаи субъектҳои хоҷагидор нисбат ба соли 2016 бармеояд, даромади умумии андозсупорандаҳо, ки дар эъломияҳои андоз аз фоидаашон дарҷ шудаанд, дар соли 2017-ум 45770,7 миллион сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои эъломияҳои андоз аз фоида барои соли 2016 ба андозаи 115,9 фоиз зиёд мебошад. Хароҷоти тарҳшавандаи андозсупорандахо дар соли 2017, дар маҷмӯъ, 42524,7 миллион сомонӣ ва афзоиши он нисбат ба соли 2016 – ум 110,9 фоизро ташкил медиҳад.

Фоидаи бадастовардаи андозсупорандаҳо аз фаъолияти молиявии соли 2017 ба 3246,1 миллион сомонӣ ва афзоиши он нисбат ба соли 2016 – ум ба 282, 4 фоиз баробар шудааст. Инчунин, тавре аз эъломияҳои пешниҳодшудаи андоз аз фоида муайян гардидааст, аз ҷониби андозсупорандаҳо дар давоми соли 2017 ба маблағи 1029,4 миллион сомонӣ пардохтҳои ҷории андоз аз фоида ҳисоб ва пардохт карда шудаанд, ки афзоиши маблағҳои ҳисобшуда нисбат ба соли 2016 – ум ба 107,3 фоиз баробар мебошад.

Қайд бояд кард, ки агарчи бо дарназардошти ҷорӣ гардидани тартиби нави қабули эъломияи андоз аз фоида нишондодҳои эъломияҳои андозсупорандаҳо барои соли 2017 нисбат ба соли 2016 беҳтар шудааст, мутаассифона, дар ин самт камбудҳо ҳанӯз дида мешаванд.

## Дарҷи нодурусти нишондиҳандаҳо дар эъломияҳо

Натиҷаи таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъзе андозсупорандаҳои ба истеҳсоли мол ё дигар намуди фаъолият машғулбуда, замимаҳои 1ва 2 эъломияи андоз аз фоидаро нодуруст пур карда, даромади умумиро дар сатрҳои дахлдор ворид наменамоянд. Ин дар ҳолест, ки дар замимаҳои 1 ва 2 эъломияи мазкур ба андозсупорандаҳо имконият дода шудааст, ки даромади худро вобаста ба таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар сатрҳои дахлдор, вобаста ба хусусиятҳои даромад, дуруст дарҷ намоянд.

Тибқи маълумоти «Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ», ки ба тавозуни муҳосибӣ замима гардидааст, маблағи даромад аз фурӯш бо дарназардошти қарзҳои дебитории тиҷоратӣ ҳарчанд зиёд аст, аммо дар эъломияи андоз аз фоида манбаи андозбандишаванда кам нишон дода шудаанд.

Ҳамчунин, муайян шудааст, ки аз ҳисоби хариди молу маҳсулот дар асоси эъломияи андоз аз арзиши иловашуда ва баҳисобгирии бақия дар аввал ва охири давраи ҳисоботии тавозуни муҳосибӣ ва муқоисаи он бо нишондоди эъломияи андоз аз фоида, аз ҳисоби фурӯши бақияи молу маҳсулот даромади андозбандишаванда дар эъломияи андоз аз фоида пурра дарҷ намегарданд.

Чуноне аз маълумоти оморӣ бармеояд, баъзе андозсупорандаҳо корҳои сохтмонӣ, истеҳсоли молу маҳсулот ва хизматрасониҳоро анҷом додаанд, вале даромади андозбандишавандаро дар эъломияи андоз аз фоида пурра дарҷ накардаанд. Дар баъзе ҳолатҳо амалиётҳои воридотию содиротии анҷомдодаи иддае аз андозсупорандаҳо дар эъломияи андоз аз фоида ба пуррагӣ дарҷ карда нашудаанд.

## Ҳолати ба ҳисоб гирифтани хароҷоти тарҳшаванда

Бояд гуфт, ки аз ҷониби баъзе андозсупорандахо дар қисмати тарҳҳо бе ҳуҷҷати тасдиқкунанда арзиши аслии молҳои таҳвилшуда, хароҷоти масолеҳи сохтмонӣ, хароҷот доир ба арзиши хизматрасонӣ барзиёд нишон дода шуда истодаанд. Дар қисмати тарҳҳо дар сатри «Даромад аз гардиши манфии қурби асъор» ва «Зарар аз мубодилаи асъор» маблағи калонро дарҷ карда, аз ин ҳисоб манбаи андозбандишавандаи андоз аз фоидаро кам нишон медиҳанд.

Ҳамчунин, ҳангоми тарҳ кардани ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ, андозсупорандаҳо муқаррароти моддаи 118 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба инобат намегиранд. Яъне, чуноне таҳлилҳо нишон медиҳанд, аз ҷониби андозсупорандаҳо бо усулҳои тибқи қонунгузории муҳосибӣ пешбинишуда ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ ҳисоб карда шуда, дар баъзе ҳолатҳо талаботи моддаи 118 Кодекси андоз ба инобат гирифта нашуда, маблағҳои мазкур аз даромади умумӣ тарҳ карда мешавад. Ҳол он ки тибқи талаботи моддаи зикршудаи Кодекси андоз танҳо усули кам кардани маблағи истеҳлок аз маблағи бақияи арзиши воситаи асосӣ иҷозат дода шудааст.

Ба ғайр аз ин, аз ҷониби андозсупорандаҳо дар сатри «Дигар хароҷот" маблағҳои махсусан калон бе нишон додани намуди хароҷот дарҷ карда шуда истодаанд, ки ин, албатта, пешниҳоди ҳуҷҷати иловагии тасдиқкунандаро талаб менамояд. Ин аст, ки дар аксари ҳолатҳо чунин хароҷоти андозсупорандаҳо беасос баромада, тасдиқи худро намеёбанд.

## Тадбирҳо

Вобаста ба чунин ҳолати кор, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ҳудудии андозро вазифадрр кардааст, ки дар самти дуруст ва пурра пешниҳод шудани эъломияҳои андоз аз фоида аз ҷониби андозсупорандаҳо тадбирҳои ҷиддӣ андешида, ҷиҳати пешгирӣ ва такрор нашудани камбудҳо дар эъломияҳои андозсупорандаҳо, миёни андозсупорандаҳо корҳои фаҳмондадиҳию назоратиро дурусттар ба роҳ монанд.

Мақомоти ҳудуди андоз, инчунин вазифадор шудаанд, ки дар қисмати ба инобат гирифтани зарарҳои аз дигар давраҳо гузаронидашуда низ диққати зарурӣ диҳанд, маблағҳои мазкурро бо нишондиҳандаҳои тавозун ва санадҳои санҷиши ҳуҷҷатии андоз дар се соли охир муқоиса кунанд ва маҳдудияти муқарраркардаи моддаи 124 Кодекси андозро ба инобат гиранд.

Бо дарназардошти он ки барои ба ҳадди назаррас беҳтар намудани маъмурикунонии андоз аз фоида ва афзун кардани ҳаҷми воридоти он имкониятҳо мавҷуданд, умед дорем, ки мақомоти ҳудудии андоз аз онҳо самаранок истифода хоҳанд кард.

**Мақсуди НЕЪМАТ**

МОҲИ ИЮН | АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА | СОЛИ 2018

# ГОТОВЬТЕСЬ К НОВЫМ НАЛОГАМ: ЧТО ЖДЕТ ГРАЖДАН МОЛДОВЫ

**Наряду со сборами и налогами, которые выплачивают граждане Республики Молдова, с августа этого года вводится новая налоговая нагрузка: кого это касается?**

КИШИНЕВ, 13 мая — Sputnik. До августа, когда вступает в силу Закон о порядке осуществления поденщиками некоторых неквалифицированных работ временного характера, правительство Молдовы должно принять поправки в Налоговый кодекс, чтобы установить сумму подоходного налога, который должен уплатить в госбюджет работодатель (заказчик). Соответствующее заявление озвучил sputnik.md депутат, председатель парламентской комиссии по экономике, бюджету и финансам Штефан Крянгэ.

«Ждем от правительства до августа изменений в Налоговый кодекс. Работодатель должен уплатить определенный процент от установленной суммы для оплаты труда поденного рабочего. Заказчик пользуется услугами поденщика, но ничего не платит государству. Это будет инструментом налогового администрирования», — отметил Крянгэ.

Депутат отметил, налоговое бремя ляжет на заказчика, а не на наемного рабочего.

«Государство пытается внести корректные правила игры, а не создавать проблемы работодателю и поденщику. Государство находит инструменты для того, чтобы обязать граждан соблюдать определенные правила», — добавил парламентарий.

По его мнению, у этого закона не будет быстрого успеха. «С осени у нас не будет больших доходов в государственный бюджет. Внедрение закона может длиться годы», — считает Крянгэ.

**https://news.mail.ru/economics/33651470/**

# КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ИШҒОЛИ МАНСАБҲОИ ХОЛИИ ЗЕРИН ОЗМУН ЭЪЛОН МЕНАМОЯД

| р/т | Номгӯи мансабҳои холӣ |
|---|---|
| | **Шуъбаи Нозироти андозсупорандагони калон дар вилояти Суғд** |
| 1. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи баҳисобгирии даромадҳо |
| 2. | Мутахассиси гурӯҳи баҳисобгирии даромадҳо |
| 3. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 4. | Сармутахассиси гурӯҳи ситонидани қарзи андозҳо |
| | **Шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар вилояти Суғд** |
| 5. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи баҳисобгирии даромадҳо |
| 6. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони ноҳияи Бобоҷон Ғафуров |
| 7. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони шаҳри Истаравшан |
| 8. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони ноҳияҳои Ҷаббор Расулов ва Спитамен |
| 9. | Сармутахассиси гурӯҳи ситонидани қарзи андозҳо |
| | **Раёсати андоз дар вилояти Суғд** |
| 10. | Мутахассиси пешбари шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо |
| 11. | Сармутахассиси шуъбаи ситонидани қарзи андозҳо |
| 12. | Мутахассиси шуъбаи ситонидани қарзи андозҳо |
| 13. | Мутахассиси пешбари бахши технологияҳои иттилотӣ |
| 14. | Мутахассиси пешбари шуъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар вилояти Суғд |
| | **Нозироти андоз дар шаҳри Хуҷанд** |
| 15. | Сармутахассиси шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо |
| 16. | Сармутахассис - сардори гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 17. | Сармутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 18. | Мутахассиси пешбари шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар шаҳри Истаравшан** |
| 19. | Сармутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар шаҳри Истиқлол** |
| 20. | Сардори нозироти андоз |
| 21. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии бахши хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар шаҳри Конибодом** |
| 22. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 23. | Сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| 24. | Мутахассиси пешбари шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 25. | Мутахассиси бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Конибодом |
| | **Нозироти андоз дар шаҳри Исфара** |
| 26. | Сардори шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо |
| 27. | Сармутахассиси шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо |
| 28. | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 29. | Мутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров** |
| 30. | Сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Ҷаббор Расулов** |
| 31. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 32. | Сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| 33. | Сармутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Деваштич** |
| 34. | Сармутахассис - сармуҳосиб |
| 35. | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматраоснӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Зафаробод** |
| 36. | Муовини сардор - сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 37. | Сардори шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Спитамен** |
| 38. | Муовини сардор - сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 39. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Мастчоҳ** |
| 40. | Сармутахассис - сармуҳосиб |
| 41. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматраоснӣ ба андозсупорандагон |
| 42. | Мутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар шаҳри Панҷакент** |
| 43. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматраоснӣ ба андозсупорандагон |
| 44. | Сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| 45. | Мутахассиси пешбари шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Ашт** |
| 46. | Сармутахассис - сармуҳосиб |
| 47. | Сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ** |
| 48. | Сармутахассиси бахши баҳисобгирии даромадҳо - сармуҳосиб |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Айнӣ** |
| 49. | Мутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Шуъбаи Нозироти андозсупорандагони калон дар вилояти Хатлон** |
| 50. | Мутахассиси гурӯҳи баҳисобгирии даромадҳо |
| 51. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 52. | Сармутахассиси гурӯҳи ситонидани қарзи андозҳо |
| 53. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи ситонидани қарзи андозҳо |
| | **Раёсати андоз дар вилояти Хатлон** |
| 54. | Муовини сардори раёсат |
| 55. | Мудири бахши кадрҳо |
| 56. | Сармутахассиси гурӯҳи тавзеҳот ва корҳои фаҳмондадиҳии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 57. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагони шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 58. | Сармутахассиси гурӯҳи ташкили андозбандӣ аз рӯи низомҳои махсус ва амволи шуъбаи ташкили андозбандӣ |
| 59. | Сармутахассиси гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ, муоинаи хронометражӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунии шуъбаи санҷиши андозҳо |
| 60. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ, муоинаи хронометражӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунии шуъбаи санҷиши андозҳо |
| | **Нозироти андоз дар шаҳри Бохтар** |
| 61. | Сардори шуъбаи баҳибгирии даромадҳо |
| 62. | Муовини сардор -сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 63. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 64. | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 65. | Сардори шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар шаҳри Левакант** |
| 66. | Муовини сардор- сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Кушониён** |
| 67. | Мудири бахши баҳисобгирии даромадҳо |
| 68. | Сармутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Вахш** |
| 69. | Сардори нозирот |
| | Нозироти андоз дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ |
| 70. | Сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Дӯстӣ** |
| 71. | Сардори шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| 72. | Мутахассиси пешбари шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Ҷайҳун** |
| 73. | Мудири бахши баҳисобгирии даромадҳо |
| 74. | Сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Қубодиён** |
| 75. | Сармутахассис - сармуҳосиб |
| 76. | Мутахассиси бахши баҳисобгирии даромадҳо |
| 77. | Сармутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Шаҳритус** |
| 78. | Мудири бахши баҳисобгирии даромадҳо |
| 79. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Носири Хусрав** |
| 80. | Муовини сардор - сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Хуросон** |
| 81. | Сармутахассиси бахши баҳисобгирии даромадҳо - сармуҳосиб |
| 82. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 83. | Мудири бахши ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Ёвон** |
| 84. | Сармутахассис-сармуҳосиб |
| 85. | Мудири бахши баҳисобгирии даромадҳо |
| 86. | Сардори шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ** |
| 87. | Мудири бахши баҳисобгирии даромадҳо |
| 88. | Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Данғара** |
| 89. | Сармутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар шаҳри Кӯлоб** |
| 90. | Муовини сардор - сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 91. | Сармутахассис - сармуҳосиб |
| 92. | Сармутахассиси шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо |
| 93. | Мутахассиси пешбари шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ** |
| 94. | Сармутахассиси бахши ситонидани қарзи андозҳо |
| | Нозироти андоз дар ноҳияи Ҳамадонӣ |
| 95. | Мудири бахши баҳисобгирии даромадҳо |
| 96. | Сардори шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Фархор** |
| 97. | Муовини сардор-сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 98. | Сардори шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо |
| 99. | Сармутахассиси шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо |
| 100. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| 101. | Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Темурмалик** |
| 102. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Балҷувон** |
| 103. | Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Ховалинг** |
| 104. | Сардори нозироти андоз |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Муъминобод** |
| 105. | Сармутахассиси бахши ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |
| | **Нозироти андоз дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин** |
| 106. | Сармутахассиси бахши баҳисобгирии даромадҳо - сармуҳосиб |
| 107. | Мутахассиси пешбари бахши баҳисобгирии даромадҳо |
| 108. | Сармутахассиси бахши ташкили андозбандии шахсони воқеӣ |

| Номгӯи мансабҳо | Андозаи маоши моҳонаи мансабӣ бе назардоштисобиқаи хизмати давлатӣ (бо сомонӣ) | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Дастгоҳи марказӣ | НАК, НАМ | Раёсатҳои андоз | Шуъбаҳои НАК, НАМ дар шаҳру вилоятҳо | Нозироти андоз дар шаҳрҳо | Нозироти андоз дар ноҳияҳо |
| Сардори раёсат | 1983 | - | 1800 | - | - | - |
| Муовини сардори раёсат | 1630 | - | 1475 | - | - | - |
| Сардори нозироти андоз | - | 1889 | - | - | 1151 | 1095 |
| Муовини сардори нозирот | - | 1551 | - | - | 1151 | 1095 |
| Сардори шуъба | 1334 | 1269 | 1207 | 1207 | 1151 | 1095 |
| Мудири бахш | 1095 | 1043 | 991 | - | 944 | 897 |
| Сармутахассис | 988 | 941 | 894 | 894 | 852 | 811 |
| Мутахассиси пешбар | 806 | 769 | 733 | 733 | 696 | 665 |
| Мутахассис | 665 | 634 | 603 | 603 | 572 | 546 |

**Ҳангоми мавҷуд будани собиқаи хизмати давлатӣ ба маоши мансабӣ иловапулӣ зам мегардад.**

**Талаботи озмун:** Таҳсилоти олии иқтисодӣ ё ҳуқуқшиносии ба ишғоли мансаби холӣ мувофиқ, донистани муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи андоз, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», забони давлатӣ ва тавонистани кор бо технологияҳои иттилоотӣ.

Ба мансаби сардори нозироти андоз, сардори шуъба, мудири бахш, сармутахассис ва мутахассиси пешбар шахсоне, ки мутаносибан 5, 4, 3 ва 1 сол собиқаи умумии корӣ ва ё 4, 3, 2 ва 1 сол собиқаи хизмати давлатӣ доранд, инчунин дорои донишу малакаи идоракунӣ ва банақшагирии кор мебошанд, метавонанд довталабӣ намоянд. Довталабони мансабҳои шуъбаю бахшҳои санҷиши андозҳо ва аудити дохилӣ новобаста аз категорияи мансаб бояд на камтар аз 3 сол собиқаи корӣ дар соҳаи дахлдор дошта бошанд.

**Ба озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- *ариза ба унвони роҳбари мақомот (шакли муқарраршуда);*
- *варақаи шахсӣ (бо дасти худ пуркардашуда) бо 2 дона расми рангаи 4х6;*
- *тарҷумаи ҳол (бо дасти худ пуркардашуда);*
- *нусхаи шиноснома;*
- *нусхаи ҳуҷҷатҳо (диплом бо замимааш) дар бораи таҳсилот;*
- *нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);*
- *маълумотномаи тиббӣ (шакли 038)*
- *нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (агар собиқаи корӣ бошад);*
- *маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;*
- *нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);*
- *маълумотнома аз ВКД дар бораи доғи судӣ.*

**Ариза ва ҳуҷҷатҳо барои иштирок намудан дар озмун то 16 июни соли 2018 дар бинои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев – 42/2 қабул карда мешаванд.**

**Озмун рӯзи 20 июни соли 2018, соати 8:00 баргузор мегардад.**

**Телефон барои тамос: 2-33-06-83**

**Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# МУҚОВИМАТ БАР ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ



Дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат бар экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020», «Нақша-чорабиниҳои дохилиидоравии Кумитаи андоз доир ба амалишавии Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат бар экстремизм ва терроризм барои



солҳои 2016-2020» тасдиқ карда шудааст. Дар заминаи татбиқи ин Нақшачорабиниҳо ҳафтаи гузашта дар бинои нозиротҳои андози шаҳрҳои Исфара ва Конибодоми вилояти Суғд ва, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кормандони соҳа дар самти мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм, семинар-машварат баргузор гардид. Дар семинар-машваратҳо кормандони мақомоти ҳудудии андоз - мутахассисони Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андоз Ҷавшан Туразода ва Носир Собиров дар бораи ҳадафҳои қабул карда шудан ва талаботи асосии Стратегия мазкур, ҷараёни татбиқи он, аз ҷумла дар Кумитаи андоз ҳамчун мақомоти давлатӣ маълумоти муфассал доданд. Ба кормандони мақомоти андоз, хусусан ҷавонон таъкид карда шуд, ки ҳушёрии сиёсиро аз даст надода, фирефтаи ҳар гуна гурӯҳҳои ифротӣ нашаванд. Ҳамзамон, дар навбати худ барои пешгирӣ намудани шомилшавии баъзе шаҳрвандони гумроҳшуда ба чунин гурӯҳҳо байни сокинон корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом диҳанд.

Дар рафти баргузории семинар-машваратҳо натиҷаи санҷиши гурӯҳи кории Кумитаи андоз дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.05.2018, №752 с/х "Оид ба сафари хизматӣ" ки аз 14 май то 1 июни соли ҷорӣ бо мақсади инвентаризатсияи парвандаҳои судии солҳои 2016-2017 ва се моҳи аввали соли 2018, санҷиши рафти барасмиятдарории парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, татбиқи муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва расонидани ёрии амалӣ дар самти рӯёнидани бақияи ҷаримаҳои маъмурӣ муҳокима гардида, кормандони нозиротҳои андоз такроран огоҳонида шуданд, ки ҳангоми баррасӣ ва пешбурди парванда тартиби мурофиавии баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро риоя намуда, оид ба сари вақт рӯёнидани ҷаримаи маъмурии татбиқгардида чораҷӯӣ намоянд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА**
**вилояти Суғд**

**Фарҳанги андозсупориро меомӯзем**

**Мутобиқи моддаи 8 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳибкорӣ барои мақсадҳои андозбандӣ ҳамчун фаъолияти мустақиле дониста мешавад, ки таҳти таваккали худи шахсоне, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бояд ба ҳамин сифат ба қайди давлатӣ гирифта шаванд, амалӣ карда мешавад ва барои ба даст овардани фоидаи (даромади, ҷуброни) мунтазам аз истифодаи молу мулк, фурӯши молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасонӣ равона гардидааст. Ҳарчанд ки тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андозро тавассути радиову телевизион ва рӯзномаю маҷаллаҳо шарҳ дода, миёни мардум корҳои фаҳмондадиҳӣ бурда мешавад, аммо боз ҳам баъзе шаҳрвандон инро нодида гирифта, тариқи пинҳонӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешаванд. Дар асл, ин тоифа одамон на аз надонистани қонун, балки аз баланд будани ҳирси молу пул ва гурехтан аз андоз ба чунин амалҳои номатлуб даст мезананд. Агарчи, онҳо хуб медонанд, ки ҳеҷ як амали ғайриқонунӣ аз чашми ҳомиёни қонун дур намемонад.**

# АМАЛИ НОШОИСТА
## ПИНҲОН НАМЕМОНАД

Танҳо дар як санҷиши амалиётии андоз, ки гурӯҳи кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Ваҳдат дар кӯчаи Рӯдакии шаҳр гузарониданд, 8 ҳолати бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани сокинони шаҳрро ошкор сохт. Шахси воқеӣ Саидмақсуд Раҳмонов 15 рӯз бе гузаштани бақайдгирӣ дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ, яъне ба кашондани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти боркашонии иқтидори борбардориаш то 3 тонна машғул буд. Ниҳоят дар рӯзи санҷиш ҳангоми кашондани борҳои гуногуни шаҳрвандон ба дасти гурӯҳи корӣ афтоду сирри андозгурезиаш ошкор шуд. Барои дидаю дониста даст задан ба амалҳои қонунвайронкунӣ бо дастраси моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи корӣ нисбати С. Раҳмонов протоколи маъмурӣ тартиб дода, ӯро ба маблағи 1500 сомонӣ ҷарима намуд.

Сокини шаҳри Ваҳдат Мустафо Ниёзовро ҳанӯз пеш аз оғоз намудан ба фаъолияти соҳибкорӣ чанде аз шиносҳояш огоҳ намуда буданд, ки бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан аз доираи қонун берун аст ва барои ин амал ҷазо низ пешбинӣ шудааст. Вале ӯ «илоҷашро меёбам» гуён ба гапи дӯстону ҳамсоягонаш аҳамият надод. Ва ниҳоят пас аз 15 рӯзи фаъолият ба даст афтода, мутобиқи талаботи моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 1500 сомонӣ ҷаримабандӣ гардид. М. Ниёзов аз кардааш сахт пушаймон аст, вале он дигар суд надорад.

Тибқи як санҷиши гурӯҳи амалиётӣ дар фаъолияти андозсупорандагон ба маблағи 9854 сомонӣ (бе дарназардошти маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ) андозҳои иловагӣ ҳисоб ва аз он 8820 сомониаш ба буҷа пардохт карда шуд. Инчунин, нисбати 8 нафар андозсупоранда барои дидаю дониста вайрон намудани қонунгузории андоз ба маблағи 12000 сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, 6000 сомонии он ба буҷа пардохт гардид.

Дар баробари гузаронидани корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳӣ аз тарафи гурӯҳи корӣ 2 нафар андозсупоранда бо шаҳодатномаи соҳибкорӣ, 2 нафар бо шартномаҳои меҳнатӣ, 4 нафар бо мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва 28 нафар бо патент таъмин карда шуданд.

Санҷиши амалиётии навбатии гурӯҳи кории Нозироти андоз дар шаҳри Ваҳдат, ки 8-уми моҳи майи соли равон дар бозори «Янгибозор» сурат гирифт, давоми панҷ рӯз фаъолияти 118 нафар андозсупоранда, аз ҷумла 6 нафар шахси ҳуқуқӣ, 30 нафар соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолиятдошта, 68 нафар соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда ва 14 нафар шахсони воқеиро таҳти санҷиш қарор дода, муқарар намуд, ки на ҳамаи андозсупорандагон муқаррароти Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба андозу андозбандиро ба пуррагӣ риоя мекунанд. Масалан, дар санҷиши амалиётӣ дар бозори «Янгибозор»-и шаҳри Ваҳдат 14 ҳолати бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани шахсони воқеӣ ошкор карда шуд, ки дар натиҷа нисбати қонунвайронкунандагон бо дастраси моддаҳои 601-614 ва 617-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 23750 сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуд.

Шаҳрванд Турсуной Саидмуродова тибқи баёноти додаи хеш иқрор шуд, ки бештар аз як моҳ боз дар бозори «Янгибозор» бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ, яъне хариду фурӯши молҳои омехта машғул аст. Мавсуф ҳангоми суҳбат бо кормандони мақомоти андоз иброз дошт, ки аз қонуниятҳои андоз дар бораи бақайдгирии соҳибкорони инфиродӣ хуб бохабар аст, вале аз сабаби тангии вақт натавонист, ки ҳуҷҷатҳояшро оиди бақайдгирӣ омода ва ба мақомоти андоз пешниҳод намояд. Дар натиҷа, аз тарафи гурӯҳи корӣ ин амали Т. Саидмуродова бо моддаи 617 КҲМҶТ маҳкум гардида, нисбати ӯ ба маблағи 1500 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ карда шуд.

Шахси воқеӣ Достон Маҳмадёров дар бозори номбурда дар давоми се моҳ бе бақайдгирӣ дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ, яъне тавассути нақлиёти шахсии худ ба кашондани мусофирон машғул шудааст. Д. Маҳмадёров дар баёноти ба мақомоти андоз додаи худ иброз намудааст, ки аз кардаи хеш пушаймон буда, минбаъд фаъолияташро дар асоси ҳуҷҷати тасдиқкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ идома медиҳад ва маблағи андозҳоро сари вақт ба бе ягон мамониат пардохт менамояд. Кормандони мақомоти ҳудудии андоз Д. Маҳмадёровро низ дар асоси моддаи 617-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида, ӯро ба маблағи 1500 сомонӣ ҷарима намуданд.

Мегуянд: «Бори кач ба манзил намерасад». Дурустии ин мақолро шаҳрванд Саъд Сулаймонов дар ҳаёти худ санҷида, ниҳоят ба хулосае омад, ки сухани халқ беҳуда набудааст. Ӯ дар дохили бозори «Янгибозор» дӯкони самбӯсапазӣ кушода, ғайриқонунӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуд. Кормандони андоз ҳангоми гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ин амали ӯро хилофи қонунгузории андоз ҳисобида, ду маротиба огоҳ намуданд, ки бе қайди андоз ӯ ҳуқуқи ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуданро надорад. Вале ҳар дафъа С. Сулаймонов ба кормандони андоз ваъда дода, гирифтани ҳуҷҷати соҳибкориро ба таъхир мегузошт. Ниҳоят дар рафти санҷиши амалиётӣ С. Сулаймонов ба гуноҳаш иқрор шуда, баъди додани 1500 сомонӣ маблағи ҷарима соҳиби ҳуҷҷати соҳибкорӣ гардид.

Ҳангоми гузаронидани санҷиш дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Меҳроҷиддин Ҷабборов, ки ба фурӯши либосҳои кӯдакона машғул аст, муайян карда шуд, ки мавсуф эъломия ва ҳисоботҳои дигари марбут ба андозро сари вақт ба дар муҳлати Кодекси андоз муқаррарнамуда пешниҳод намекунад ва бо ин амали худ ба пинҳонкунии андозҳо мусоидат менамояд. Бо дастрасии моддаи 601 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ӯ ба маблағи 1250 сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, маблағи ҷарима пурра ба буҷа пардохт гардид.

Соҳибкор Маҳмадсаид Хуҷалиев ба хариду фурӯши маҳсулоти хӯроквори машғул буда, борҳо барои надодани чипта ба харидорон аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз огоҳонида шудааст. Вале «одати бад балои ҷон» гуфтагӣ барин, бори дигар барои истифода накардан ва надодани чиптаи МНХ ба мизоҷон ба дасти аъзоёни гурӯҳи санҷиши амалиётӣ афтид ва ин амали ғайриқонуниаш бо моддаи 614 КҲМҶТ маҳкум карда шуд. Аъзоёни гурӯҳ нисбати ӯ протоколи маъмурӣ тартиб дода, ӯро ба маблағи 4000 сомонӣ ҷарима намуданд.

Дар рафти санҷиши амалиётӣ нисбати шаҳрвандон ва соҳибкорони инфиродӣ Суҳроб Қосимов, Гулрухсор Талиева, Зебо Ҳакимова, Саттор Холов, Сироҷиддин Раҳимов, Зайнаб Бурҳонова, Абдуназир Раҳимов ва Маҳмудҷон Алимардонов низ барои кирдорҳои бархилофи қонунгузории андоз анҷомдодаашон протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, ҷаримабандӣ карда шуданд.

Хулоса, гурӯҳи корӣ дар давоми фаъолияти хеш нисбати андозсупорандагон ба маблағи 5620 сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб намуда, инчунин нисбати 14 нафар андозсупоранда барои вайрон намудани талаботи қонунгузории андоз ба маблағи 23750 сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб доданд. Ҳамзамон, аз тарафи гурӯҳи корӣ 1 нафар андозсупоранда бо шаҳодатномаи соҳибкорӣ, 5 нафар бо шартномаҳои меҳнатӣ, 2 нафар бо мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ, 9 нафар бо патент ва 1 нафар бо шартномаи иҷораи амвол таъмин карда шуданд.

**М. ТАБАРЗОДА**

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ ҶДММ «Мухтор ва Компания» (РМА 020027375) воқеъ дар ноҳияи И.Сомонӣ, барҳам мехӯрад.

■ ММТҒ «Раванд» (РМА 640007180) воқеъ дар шаҳри Бӯтон, барҳам мехӯрад.

■ Филиали ҶДММ «Декор Строй» дар ноҳияи Сино (РМА 040044177) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Сапеда Тур» (РЯМ 0110004474) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Файзи Истиқлолият» (РЯМ 0110022725) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Майрами Турсунзода» (РЯМ 0710008860) воқеъ дар ноҳияи Турсунзода, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «АНАН» (РЯМ 1610002305) воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, барҳам меҳурад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Маҳмадраҳим» (РЯМ 2510001056) воқеъ дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Азизулло М» (РЯМ 3410002466) воқеъ дар ноҳияи Кушониён, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Бобои Мирзошариф» (РЯМ 3110001355) воқеъ дар ноҳияи Хуросон, барҳам мехӯрад.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Саидикроми Абдуҷалол (РЯМ 0331350901) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Воҳидулло Қурбон № 0283629 (РЯМ 0331341203) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Садуллоев Акбархон (РЯМ 0230044797) аз ноҳияи И.Сомонӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Алихонов Ҷалолхон (РЯМ 5230008429) аз ноҳияи Айнӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома соҳибкори инфиродӣ Ахмедова Завкия (РЯМ 5230008658) аз ноҳияи Айнӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома соҳибкори инфиродӣ Маҳмудов Мирмаҳмуд (РЯМ 6430026680) аз шаҳри Бӯстон, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мадудов Абдулваҳоб (РЯМ 2930059275) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қарахонова Саидамо (РЯМ 1830081532) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Нусратова Меҳринисо (РЯМ 1830025322) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба Х/Д «Салоҳиддин-2011» (РЯМ 0730045837) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба Х/Д «Ҳабиб» (РЯМ 2630001468) аз ноҳияи Темурмалик, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Мирҷонов Сорвоншоҳ № 0236175 (РЯМ 0630018923) аз шаҳри Роғун, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ғафуров Манучеҳр (РЯМ 6230024946) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шеров Фарҳод (РЯМ 6230167653) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи стансияи таҷрибавии зироатҳои субтропикӣ (РЯМ 3310005747) воқеъ дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Боев Ҳамдам (РЯМ 3530012915) аз ноҳияи А.Ҷомӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Аҳроров Дилшод (РЯМ 3430015096) аз ноҳияи Кушониён, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Саидов Элмурод (РЯМ 3930003358) аз шаҳри Левакант, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи ҶДММ «Дилангез-2012» (РЯМ 2810004359) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи корхонаи давлатии «Матбаа», Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (РЯМ 0410009793), ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Саймахмедова Дилбар (РЯМ 2930055755) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Атамуродов Тоирҷон (РЯМ 3430038141) аз ноҳияи Кушониён, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Иброҳимова Алифамоҳ (РЯМ 2230012153) аз ноҳияи Данғара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

USAID
Бочу ХИРОҶ
imon
ASIA-Plus
durandesh
Фараҳ - 2018
ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ БОНУИ СОҲИБКОРИ СОЛ

## ДИҚҚАТ! ДИҚҚАТ!

Ассотсиатсияи миллии занҳои соҳибкори Тоҷикистон бо мақсади ҷалб намудани диққати ҷомеа ба рушди соҳибкории бонувон ва ҷорӣ намудани таҷрибаи онҳо байни занону ҷавондухтарони кишвар оғози баргузории озмуни навбатии Бонуи соҳибкори сол - Ҷоизаи «Фараҳ-2018»-ро эълон менамояд.

Ғолиби Шоҳ-Ҷоиза аз тарафи ҶСП ТАҚХ "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ" бо мукофоти арзандаи пулӣ сарфароз гардонида мешавад.

**Озмун аз рӯи номинатсияҳои зерин гузаронида мешавад:**
- Соҳаи истеҳсолот
- Соҳаи кишоварзӣ
- Соҳаи ҳунарҳои мардумӣ
- Соҳаи хизматрасонӣ (кошонаи ҳусн, сехи дӯзандагӣ, IT, web-сайт, меҳмонсарову меҳмонхонаҳо, агентии сайёҳӣ, хӯроки умумӣ ва ғ.)
- Соҳаи хизматрасонии тиббӣ ва таълимӣ
- Оғози тиҷорати нав (на кам аз ду сол)

**Соҳибкорзанони азиз, шумоёнро барои иштирок дар**
Озмуни ҷумҳуриявии "Фараҳ-2018" даъват менамоем!

Дархостҳо барои иштирок дар озмун то 1-уми майи соли 2018 қабул мегарданд. Шартҳои озмун ва дигар маълумотҳо муфассал дар сомонаи мо: www.nabwt.tj оварда шудаанд.

**Почаи электронии мо барои иртибот:**
farah.nabwt@gmail.com
**Тел:** (93)503 50 05, (92)756 50 00

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таваҷҷуҳи шумо мерасонад, ки пас аз ҳисоб намудани маблағи андозҳо метавонед ба мақомоти андоз ҳозир нашуда, тавассути нуқтаҳои ваколатдори Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» маблағи андози дахлдорро ба буҷет пардохт намоед ва расиди маблағи пардохтшударо, ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунанда, бо худ нигоҳ доред.

***Ёдрас мешавем, ки дар сурати ба шахси дигар додани маблағи андоз эҳтимолияти пардохт накардани андозҳо ва боиси дар назди буҷет қарздор мондани шумо мегардад.***

**ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!**

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки роҳеҳ ба масъалаҳои андоз ва андозбандӣ метавонед аз сомонаи Кумитаи андоз
**www.andoz.tj**
ва барои гирифтани посух аз Бахши иттилоотии (контакт-сентр)
**151**
истифода намоед.

## ЗОЛОТОЙ КОНЕК...
### як тир ду нишон!




«Золотой конёк» -ро барои; -барқарор намудани эрексия; -афзоиши рағбати шаҳвонӣ ва тобовари шаҳват; -тақвияти мукаммалӣ ва равшании эҳсоси шаҳват; -ба меъёр даровардани ҳаёти ҷинсӣ истифода мебаранд. «Золотой конёк» маҷмӯи гиёҳӣ буда ба беҳтар гардонидани вазъи простатит ҳам таъсири хубе мерасонад. Дар кафедраи урологии Академияи тиббии Русия ш.Москав ва дигар муассисаҳои бонуфӯз аз санҷиши аъло гузаштааст. Тарзи истеъмол: 2 таблеткагӣ 1-2 маротиба дар як рӯз ҳангоми хӯрок.

## ТАНАКСОЛ - бар зидди ихроҷи ЛЯМБЛИЙ!




Ширкати илмию истеҳсолии Русия воситаи нодиреро коркард намудааст, бо номи танаксол, ки он аз ҷамъи гиёҳҳо (пижма, полын, тысячелистник, девясил) иборат буда -ҳангоми бемориҳои паразитӣ ва сироятӣ (лямблиоз, амебиоз, аскаридоз, энтеробиоз,) истифода бурда мешавад. -Ба ҳоли имрӯз воситаи аз ҳама самараноки зидди лямблиоз барои кӯдакон ва калонсолон махсуб меёбад. Дар ҳолатҳои вазнин (при хроничес. лямблиоз) «танаксол»-ро табибон якҷоя бо дигар воситаҳои синтетикӣ тавсия медиҳанд, зеро он таъсири манфии доруҳои синтетикиро аз байн бурда мӯҳлати табобатро кӯтоҳ ва таъсироти онро дучанд мегардонад. Тарзи истифодабарӣ: Кӯдакони аз 1 сола 1/6қ, аз 2 то 7 сола 1/3қ, аз 7 то 12 сола 2/3қ, аз 12 сола боло аз 1 то 2 қошуқча рӯзе 3 маротиба, 20-30 дақиқа пас аз хӯрок. Давомнокӣ: аз 7 то 14 рӯз, барои калонсолон то 30 рӯз. Рег№000678 Аз дорухонаҳо пурсон шавед!

## УРОЛИЗИН -
### Дар гурда барои қуму намак ҷо нест!




Шафоъати фитомаҷмӯи Уролизин ба ҳама намуд бемориҳои гурда ва пешобдон таъсирбахш аст. Талхарон ва пешоброн аст, хунукии гурдаро аз байн мебарад. Дар табобати диатези туршпешоб (мочекислый) ва санги пешобдон бисёр натиҷаовар аст. Инчунин натиҷаҳои беҳтаринро «Уролизин» ҳангоми табобати оксалурия, фосфатурия ва сангҳои то 1 см нишон медиҳад. Ба номгӯи «100 маҳсулоти беҳтарини Россия» дохил шудааст. Таркибаш: ҷавҳари 8 буттамеваю гиёҳҳои табиӣ, ки аз витаминҳои зиёде мавҷуданд. истеъмол: мудати як моҳ як қошуқчагӣ, се маротиба дар як рӯз. Рақами қайд №001558. Аз дорухонаҳо пурсон шавед!

# АЗ ҲАР ХУСУС

## АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Давлати Шайбониён аз маҷмӯи мулкҳои хоса фароҳам омада буд. Асоси иқтисодии ин «мулкият» аз он иборат буд, ки мулкдор метавонист ҳама ва ё қисми (ҳарду вариант маъмул буданд) рента – андози заминҳои давлатии ба худаш тааллуқдоштаро ба фоидаи худ бигирад. Мулкҳои калони инъомшударо дар асри XVI низ суюрғол меноманд. Соҳибони заминҳо, инчунин, баъзе имтиёзҳо доштанд: метавонистанд рента – андози замини ба инъом гирифташонро мустақилона ихтиёрдорӣ намоянд.

Дар натиҷа, вазъи дигаре ба миён омад: заминдорон замини ба инъомгирифтаи худро ба аъёну ашрофи хурдтар, рӯҳониён, сарони лашкар тақсим мекарданд. Силсилаи зинаии тақсим, ба инъом додани замин ба миён омад.

Ин инъомҳои хурдро, ки аз ҳукумати марказӣ ва ё аз мулкдорони хоса дода мешуданд, низ суюрғол мегуфтанд. Инчунин, калимаҳои дигаре низ барои ифодаи ин мафҳум вуҷуд доштанд. Инъомеро, ки барои ҳидмати ҳарбӣ медоданд, аксаран танхоҳ ва иқтоъ (иқтаъ) меномиданд.

Категорияи дигари заминҳо, ки аз рӯи ҳуқуқи моликият ба он соҳибӣ мекарданд, мулки феодалӣ ном дошт. Қисми аз андози ин қабил заминҳо ба фоидаи давлат, қисми дигараш ба нафъи шахсии феодал равона мегардид.

Яке аз хусусиятҳои заминҳои мулкии феодалӣ дар замони Шайбониён тақсими онҳо байни давлат ва феодал мутаносибан ба рента – андози онҳо буд. Масалан, агар ҳиссаи давлат аз замини мулк 2/3 рента, ҳиссаи феодал 1/3 андоз – рентаро ташкил медод, пас аз тақсими 2/3 худи замин, ин замин аз милкӣ ба давлатӣ, 1/3 замин аз мулкӣ ба мулки ҳурри холис (моликияти хусусии озод) табдил меёфт. Дар ҳолати гузаронидани чунин тақсимот захираи заминҳои мулкӣ коста мегардид. Як сабаби дигари кам шудани заминҳои мулкӣ дар асри XV бахшиши зиёди ин қабил заминҳо ба вақф буд.

Бояд гуфт, ки дар давраи ҳукмронии Шайбониён давлат аз заминҳои мулкӣ чун захираи инъомҳо барои феодалон истифода мекард. Дар ин ҳолат давлат қисми даромад – андози худро аз заминҳои мулкӣ инъом мекард. Ин қабил инъомҳо (подошҳо)-ро бо «сафедкунии» замин мулк – давлат мулкдорро аз андоз – рента озод мекард, яъне заминдор ҳамаи маблағи рентаро аз худ мекард. Аз заминҳои мулкӣ чун замини худ барои инъомҳо истифода карда, давлат метавонист ҳиссаи рента – андози худро на ба мулкдор, балки ба шахси дигаре бибахшад. Дар ин ҳолат як ҳиссаи рентаро шахсе (дар асоси моликият) ва ҳиссаи дигарро – шахси дигар (дар асоси инъом) соҳиб мешуданд.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ**
**«Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

## ПОМИДОР ҶИСМРО ҶАВОН НИГОҲ МЕДОРАД



**Хосиятҳои шифоии помидор бисёр буда, узвҳои асабро қавӣ менамояд, кори узвҳои ҳозимаро беҳ месозад, мубодилаи моддаҳоро ба эътидол меорад.**

Помидорро ҳамчун воситаи косметологӣ барои ҷавон сохтани рӯй, ҷаззобу дилкаш сохтани ҳусн, аз байн бурдани ожангҳо низ истифода мебаранд. Ҳамаи ин ба туфайли аз таркибҳои кимиёӣ бой будани он мебошад. Витаминҳои “А”, гурӯҳҳои В, К, Р, бета-каротин, глюкоза, фруктоза, ғозҳо (клетчатка), моддаҳои пектинӣ дар помидор фаровонанд. Дар таркиби помидор инчунин намакҳои маъданӣ, мисли бор, йод, калий, калсий, фосфор, натрий, магний, оҳан, мис, руҳ ва ғайра фаровон мебошанд. Ба мақсади табобатӣ бо ғизо истифода намудани помидори тару тозу ва шарбати он дар мавриди газаки меъдаи (гастрит) туршиаш паст, заифии хотира ва хастагии тамоми бадан фоида дорад.

## СУХАНОНИ ҲАКИМОНА

Сарвати ноҳақ ҷамъ кардан мисли барфест, ки болояш оби гарм гузошта шудааст.

**ххх**

Хато, ки кардӣ, азислоҳаш сар мапеч.

**ххх**

Шаҳди пушаймонӣ чашидан нахоҳӣ, пас фурсати дар даст доштаатро мукаммал истифода бар.

**ххх**

Ба ҳама кас гӯш бидеҳ, зеро аз ҳар кадоми онҳо сабақе метавон гирифт.

**ххх**

Танҳо дар имтиҳоноти сангини зиндагӣ инсон моҳияти ҳастии хешро дарк менамояд.

## Андозҳои НОМАЪМУЛ

### АНДОЗ АЗ КӮЛОҲ



Соли 1874 ҳукумати Британиё иқдомеро пеша намуд, ки тибқи он манбаъҳои нави андозбандӣ муайян шуда ба ҳукми қонунӣ дароварда шуданд. Аз ҷумла, андоз барои кӯлоҳпӯшон муқаррар гардида буд, ки онро вобаста ба арзиш ва миқдори кӯлоҳи харидашуда муайян мекарданд. Чунин навъи андоз 27 сол амал карда буд.

### АНДОЗ БАРОИ ХИТОИЁН

Дар Канада то соли 1923 андоз барои хитоиён амал менамуд, зеро хитоиён аз меъёри муқаррарӣ бештар вориди Канада мешуданд. Пас аз барҳам додани андози мазкур ҳукумати Канада қонун дар бораи хитоиён қабул намуда, ба сарзамини мазкур ворид шудани хитоиёнро мамнуъ эълон кард.

## ОЁ МЕДОНЕД?



Калонтарин кӯли ҷаҳон баҳри Хазар (Каспий) ба шумор меравад. Баҳри Хазар дар сарҳади қитъаҳои Осиё ва Аврупо ҷойгир буда, масоҳаташ 371 ҳазор километри мураббаъро ташкил медиҳад. Дарозиаш 1200 ва паҳноияш 435 километр буда, чуқуриаш ба 1025 метр мерасад.

**Кӯли хурдтарини олам Сарасота ном дошта, дар соҳилҳои халиҷи Мексикаи Амрикои Шимолӣ ҷойгир аст. Дар мавсими пуроб будан дарозиаш 175 ва паҳноияш 125 метрро ташкил медиҳад. Чуқурии миёнаи кӯл 70 метр мебошад.**

## ПАНДИ РӮЗГОР

Шахсе чандин сол назди наққоше ба шогирдӣ истод. Рӯзе устод ба ӯ гуфт: «Худ устод шудаӣ, ман дигар чизе надорам, ки ба ту биомӯзам». Шогирд аз устод дуо гирифт ва машғули касби хеш шуд.

Дар шаҳр растаи рассомон буд. Ҳар наққоше корҳои худро дар он ба намоиш мегузошт. Рассом тасвире кашиду дар раста гузошт. Назди тасвир навишта буд: «Агар дар тасвир нуқсе бинед, онро бо аломати «Х» нишон бизанед».

Бегоҳ вақте баргашт, дид, ки тасвираш пур аз аломати «Х» шудааст. Хеле ғамгин шуд ва назди устодаш рафт.

Устод гуфт:

- Тасвирро аз нав бикаш.

Субҳгоҳон ҳарду ба растаи наққошон рафта, тасвирро гузоштанд. Устод дар назди он мӯйқалам, об ва ранг гузошта, чунин навишт: «Агар дар тасвир нуқсе бинед, ислоҳаш кунед».

Бегоҳ, вақте баргаштанд, диданд, ки наққошӣ даст нахӯрдааст. Устод ба шогирд гуфт: «Ҳама инсонҳо қудрати интиқод доранд, вале ҷуръати ислоҳ, на!».

## ГАЛСТУК



Галстук аз калимаи олмонии «halstuch» (пештар «krawatte») гирифта шуда, маънояш «рӯймолчаи гардан» аст. Зеро нахустин шуда сарбозони хорватӣ дар паради ҳарбии бахшида ба анҷоми ҷанги сисола иқдоми пӯшидани «fascalia» - ро (чунин ном дошт рӯймолчаи гардан дар Рим) пеш гирифтанд. Дар Рим галстук ба хотири ҳифзи гардан аз теғи шамшер ва дигар олоти ҳарбӣ баста мешуд. Подшоҳи Фаронса Лудовики XIV, ки дӯстдори зебоӣ буд, бо дидани рӯймолчаи дурахшон дар тани сарбозон ба вазири дифоъ Франсуа Мишел фармон дод, ки ҳамчун ороишот ба ӯ чунин рӯймолчаи рангинро дастрас намояд. Ҳамин тавр, соли 1663 дар таърихи пайдоиши галстук саҳифаи нав боз гардид.

Пасон, галстук шакл ва намуди худро ба куллӣ тағйир дод. Он аз рӯймолча ба рӯймоли калон ва дароз то намуди ҳозирааш дигар шуд.

Боҷу хироҷ

МУАССИС:
КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир
Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Навбатдор: Абдуфаттоҳ ВОҲИДОВ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

Ҳафтанома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, биноИ Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

**Индекс: 68930**

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

Тел: 2-33-08-41 *Теъдод: 28 378*